ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН • НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

26 августи соли 2015, чоршанбе, №35 (1014)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# САФАРИ РАСМИИ САРВАРИ ДАВЛАТ БА ТУРКМАНИСТОН

***Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистон субҳи 20 - август бо маросими истиқболи бошукӯҳ дар майдони "Истиқлол"- шаҳри Ашхобод оғоз ёфт.***



**БАРОИ** истиқболи меҳмони олимақом, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин майдони зебо бо парчамҳои давлатии ду кишвар, сафҳои горди фахрии Туркманистон ва оркестри асбобҳои нафасӣ ороста буд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов истиқбол гирифта, ба болои минбари ифтихорӣ даъват намуд.

Минбаъд маросими бошукӯҳи истиқбол бо гузориши фармондеҳи горди фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ду кишвар, гузашти сарони ҳарду давлат аз назди ҷузъҳои горди фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба парчами давлатии кишвари мизбон, салом арза доштан ба афсарону сарбозони горди фахрӣ ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду ҷониб ва корпуси дипломатии муқими Ашхобод идома ёфта, бо расми гузашти низомии ҷузъҳои горди фахрӣ аз назди сарони ду давлат ба поён расид.

Баррасии масоили вобаста ба рушди муносиботи дӯстӣ ва густариши ҳамкории ба ҳарду ҷониб судбахш нахуст дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат, Эмомалӣ Раҳмон ва Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, оғоз ёфт.

Президенти Туркманистон таъкид дошт: "мо сафари расмии шуморо ба кишвари худ басо муҳим мешуморем, зеро Туркманистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр масоили минтақавию ҷаҳонӣ, ба хусус дар бахши ҳифзи амну субот ва сулҳу салоҳ мавқеи ҳамсон доранд". Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ҳамчунин ба рушди ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, энергетика, нақлиёт, саноат ва илму фарҳанг баҳои баланд дода, таъкид дошт, ки ин ба манфиати ҳарду ҷониб аст.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавқеи ҳамсону ягона доштани Тоҷикистону Туркманистонро доир ба аксари масоили байналмилалӣ, аз ҷумла дар самти муқовимат бо терроризму ифротгароӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳонӣ басо муҳим номида, таъкид дошт, ки чунин мавқеъгирӣ заминаи хубе аст барои густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва маърифатию фарҳангӣ.

Изҳори бовар карда шуд, ки мулоқоти музокироти имрӯза ба рушди муносиботи ду кишвари дӯст мусоидати фаъол мекунад.

*саҳ. 2*

**Ҳаёти ҳизб**

## МУЛОҚОТ БО МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ



*саҳ. 3*

## МУШКИЛОТИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР КИШВАР



*саҳ. 10*

## ТАҚЛИДИ БЕҲУДА



*саҳ. 11*

Минбари халқ
26 августи соли 2015,
№35 (1014)

# МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН

**Худи ҳамон рӯз идомаи суҳбати созандаи сатҳи олӣ зимни музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои расмии ду ҷониб ҷараён гирифт.**



Дар мулоқоту музокироти сатҳи олӣ маҷмӯи васеи масоили вобаста ба густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию маърифатӣ ва фарҳангӣ баррасӣ шуда, тавофуқоти зиёд ҳосил гардид.

Ду кишвари дӯст тасмим доранд, ки ҳамгироии худро дар масоили таъмини амнияту суботи минтақавӣ, экология ва ҳифзи муҳити зист, истифодаи босамари захираҳои обию энергетикӣ ва пешгирӣ аз тағйирёбии иқлим густариш диҳанд.

Густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт аз самтҳои стратегии ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ номида шуд.

Ду ҷониб ба мувофиқа расиданд, ки фаъолияти комиссияи байниҳукуматӣ доир ба ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ ва Шӯрои соҳибкории ду кишвар ҷоннок карда шавад.

Тибқи масъалагузориҳои Президенти Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти Туркманистон пазируфта шуд, ояндаи наздик миёни Душанбею Ашхобод хатсайри мустақими ҳавоӣ боз мегардад, шумораи квотаҳои президентии ду кишвар барои таҳсили донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳамдигар меафзояд. Минбаъд донишҷӯёни тоҷик дар Донишгоҳи байналмилалии нафту гази Туркманистон ҳам таҳсил хоҳанд кард. Масъалаи рафтуомади бераводиди дорандагони шиносномаҳои хизматӣ низ ҳалли худро меёбад. Робитаҳо дар соҳаи тандурустӣ ва саноати тиббӣ низ густариш хоҳанд ёфт.

Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов аз Эмомалӣ Раҳмон даъват намуд, ки моҳи декабри соли равон ба Ашхобод барои иштирок дар тантанаҳои 20-солагии эълони "Бетарафии доимии Туркманистон" ташриф биёрад.

Эмомалӣ Раҳмон дар навбати худ аз Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов даъват намуд, ки ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф биёрад. Ҳарду даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд.

**Аз рӯи натиҷаҳои мулоқоту музокирот 5 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:**

u *- Ёддошти тафоҳум миёни Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Китобхонаи давлатии Маркази фарҳанги давлатии Вазорати фарҳанги Туркманистон дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ;*

u *- Созишномаи ҳамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии телевизион, радио ва кинематографияи Туркманистон;*

u *- Созишномаи ҳамкорӣ миёни вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва саноати тиббии Туркманистон;*

u *- Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Туркманистон барои солҳои 2016-2017;*

u *- Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов.*

Сипас сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов бо изҳороти матбуотӣ ба хабарнигорони дохилию хориҷӣ муроҷиат карда, ба натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ баҳои баланд доданд. Аз ҷумла тазаккур дода шуд, ки то кунун муносиботи ду кишварро беш аз 75 санади ҳамкорӣ танзим хоҳанд кард.

# ГУЛГУЗОРӢ ДАР МАЙДОНИ ЁДГОРӢ ВА БОЗДИД АЗ ОСОРХОНА ВА МАҶМААИ ВАРЗИШӢ

**Нимаи дуюми рӯзи 20-уми август дар доираи сафари расмӣ ба Туркманистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар майдони ёдгории шаҳри Ашхобод бо нишони эҳтиром ба таъриху тамаддуни мардуми туркман ба муҷассамаҳои ёдгорӣ бахшида ба муҳорибаи Гуктеппа ва қурбониёни заминларза дар шаҳри Ашхобод эҳтиром ба ҷо оварда, дар назди "оташи абадӣ" гулчанбар гузошт.**



Дар ин маросим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Туркманистон ҳамроҳӣ карданд.

Баъди маросими гулчанбаргузорӣ Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати ҳамроҳон ба осорхонаи Туркманистон ба номи "Муқаддасоти Ватан" ташриф овард.

Дар даромадгоҳи осорхона меҳмони олимақомро роҳбарият ва коргарони осорхона гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Баъди шиносоӣ бо нигораҳои нодири осорхона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар китоби меҳмонони фахрӣ соядаст гузошт.

Дар шаҳри Ашхобод Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки олимпӣ бо маҷмааи замонавии варзишӣ аз наздик шинос шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки соли 2017 дар Туркманистон бозиҳои панҷуми осиёӣ доир мегардад ва маҷмааи варзишӣ макони асосии баргузории ин чорабиниҳо хоҳад гашт.

Бегоҳии ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди анҷоми сафари пурмаҳсули расмӣ аз шаҳри Ашхободи Туркманистон ба Ватан баргашт.

Мавриди зикр аст, ки сафари навбатии расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистон бо расидан ба тавофуқоти зиёд дар самти рушду густариши муносибатҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои барои ҳарду ҷониб манфиатовар анҷом ёфт. Тавре маълум гардид, байни Тоҷикистону Туркманистон аз рӯзҳои нахустини ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ қариб 70 санади муҳими ҳамкорӣ мавҷуд буд ва дар доираи ин сафар баъди мулоқоту музокирот боз 5 санад ба имзо расид. Сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Гурбонгуӣ Бердимуҳаммадов баробари баррасии масъалаҳои муҳими ҳамкорӣ, инчунин ҳадафҳои баҳрабардорӣ аз имкониятҳои зиёди истифоданашударо муҳокима карданд.

Ба хотири идомаи мукаламаи сиёсӣ баҳри таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов даъват ба амал овард, ки бо сафари расмии ҷавобӣ ба Тоҷикистон ташриф орад.

*www.president.tj*

# МУЛОҚОТҲО СУДМАНД БУДАНД

Дар доираи амалӣ намудани Қарорҳои Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб, Анҷумани 12-уми ҲХДТ ва дастурҳои Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи калони фаъолон ва кормандони масъули ҳизб барои гузарондани мулоқоту вохӯриҳо бо муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва мусоидат ба мушкилоти онҳо ба шаҳру вилоятҳои Федератсияи Русия сафари корӣ анҷом доданд.

Бархе аз ин гурӯҳҳо аз сафари хизматӣ баргаштанд. Роҳбарони гурӯҳҳои мазкур иттилоъ доданд, ки бо қишрҳои мухталифи муҳоҷирон ва донишҷӯёни тоҷики донишгоҳҳои Русия вохӯриҳо ва суҳбату мулоқотҳо анҷом дода, аз вазъи кору зиндагии онҳо бохабар гаштанд. Зимни мулоқотҳо дастовардҳои солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таблиғ намуда, нуктаҳои барномаҳо ва ғояҳои созандаи ҲХДТ-ро шарҳу эзоҳ доданд.

Мақсади дигари гурӯҳҳои таблиғотӣ аз он иборат буд, ки пеши роҳи гароиши ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротӣ ва ба ном Давлати исломии Шому Ироқ бигиранд, зеро ки аксарияти онҳое, ки зери ниқоби "ҷиҳод" ба он кишварҳо мераванд, аз ҷумлаи муҳоҷирони корӣ мебошанд.

Дар бораи натиҷаҳои сафари кории ҳайати 25-нафараи кормандони масъул ва фаъолони ҲХДТ, ки ба тозагӣ аз шаҳру вилоятҳои Федератсияи Русия баргаштаанд, дар шумораи ояндаи нашрия маълумоти муфассал манзур менамоем.

**Маркази матбуоти ҲХДТ**



## ВОХӮРИҲОИ НАМОЯНДАГОНИ ҲХДТ БО МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

**Дар асоси ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Ҳизби "Единая Россия", бо мақсади баргузор намудани вохӯриҳо бо тоҷикони бурунмарзӣ ва муҳоҷирони муваққатии меҳнатӣ, панҷ гурухи кории ҲХДТ озими Федератсияи Русия гардиданд.**

**Аҳмадҷон Ализода, Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ҳамин гуна як гуруҳро сарварӣ намуда, ба вилоятҳои Ленинград ва Иванов сафар намуд.**

**Дар назар аст, ки зимни ин сафар сараввал А. Ализода бо Губернаторҳои вилоятҳои Ленинград, Иванов, роҳбарони шаҳру минтақаҳо ва раисони ҷамъияти тоҷикони бурунмарзӣ вохӯриҳо доир намуда, баъдан бо муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистонӣ бевосита дар ҷои корашон суҳбату вохӯриҳо доир намояд.**

**Зимни ин вохӯриҳо ба масъалаҳои буду боши тоҷикони бурунмарзӣ, вазъи ҳуқуқӣ, шароит ва муҳофизати меҳнат инчунин дигар масъалаҳо ба миён гузошта хоҳад шуд, ба ҳамватанон дар бораи дастовардҳои даврони истиқлолият, рушди Тоҷикистони азиз, раванди созандагиву бунёдкорӣ, вазъи сиёсӣ, муваффақиятҳои ҲХДТ ва амалигардонии Барномаи ҳизб, ободиву осудагии кишвар, пуштибонӣ аз сиёсати Президенти Тоҷикистон, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар масъалаҳо маълумот дода хоҳад шуд.**

# 150 ТАШКИЛОТИ ИБТИДОӢ БАРОИ ҒОЛИБИЯТ МУБОРИЗА МЕБАРАНД

**Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур дар сафҳои худ 9490 нафар аъзои ҳизбро муттаҳид намудааст, ки онҳо дар 4 кумитаи иҷроияи ибтидоӣ ва 146 ташкилоти ибтидоӣ фаъолияти худро пеш мебаранд.**

Бо назардошти талаботи Оиннома, Барнома, Қарори анҷуманҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ бобати устувор гардонидани мавқеъ ва баланд бардоштани нуфузи ҳизб дар корхонаю муассисаҳо ва шаҳраку маҳалла, тақвияти фаъолияти ҳизбӣ ва ҷалби ҳар чи бештари ҷавонон ба ҷонибдории ҲХДТ кумитаи иҷроия дар ноҳия ба ифтихори омодагиҳо ба таҷлили 24 -солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Озмуни "Ташкилоти ибтидоии беҳтарин"-ро роҳандозӣ намудааст. Имрӯзҳо ҳайати ҳакамон ҷиҳати муайян намудани таҷрибаи ибратбахши ташкилотҳои ибтидоӣ ва рафъ намудани камбудию норасоиҳо дар фаъолияти рӯзмарра икдомоти густурда роҳандозӣ мекунанд.

Ҳамчуноне зимни мусоҳиба сарвари ҳакамони озмун- Абдулло Муҳаммадиев, аъзои раёсати кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳияи Шоҳмансур иброз дошт, то имрӯз кори рӯзмарра ва нақшаву чорабиниҳои ташкилотҳои ибтидоӣ дар 90 корхона ва 30 маҳаллаи ноҳия мавриди санҷиши ҳамаҷониба қарор гирифта, дар радифи рафъи камбудию норасоиҳои ҷойдошта таҷрибаи пешқадам ва ташаббусҳои созандаи ташкилотҳои ибтидоӣ чун намунаи ибрат дарёфт ва барои истифода ба дигар ташкилотҳо тавсия мегарданд.

Ҳайати ҳакамон аз ҳисоби мутахассисони кордида интихоб гардида, санҷиши фаъолияти ташкилотҳо баёнгари он мебошад, ки ҳизбиён дар ноҳия ҷиҳати иҷрои нишондодҳои мақомоти болоӣ минҷумла дар хусуси густариши ҳарчи бештари робита бо ҷомеа ва ҷалби занону духтарон ва ҷавонон ба сафҳои ҳизбу афзун намудани сафи ҳаводорони ҳизб корҳои назаррасро ба сомон мерасонанд. Комёбиҳои ба дастомада дар ҳеҷ ваҷҳ моро қаноатманд карда наметавонад. Зеро роҳбарияти ҳизб дар назди ҳар яки мо вазифаҳои мушаххас гузоштааст, то ҲХДТ ба маънии том ҳизби мардумӣ бошаду он чун неруи пешбарандаи ҷомеаи навини кишвар ҷиҳати рушду тараққиёти Ватани азиз саҳми назаррас дошта бошад.

Ёдовар мешавем, ки озмуни "Ташкилоти ибтидоии беҳтарин" дар арафаи таҷлили ҷашни 24 -солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, ғолибон бо мукофотҳои таъсиснамуда; Ифтихорномаҳои КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур, мукофотҳои пулӣ барои 2 ҷои аввал 2 000 сомонӣ, ду ҷои дуввум 1000 ва ду ҷои саввум 500 сомонӣ сарфароз гардонида мешаванд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

***Чуноне раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Истаравшан Матлуба Мухторова телефонӣ иттилоъ дод, имрӯз миёни муштариён ҳафтаномаи "Минбари халқ" маҳбубияти бештаре касб карда, дар маъракаи "Обуна 2016" теъдоди хоҳишмандони барои соли оянда дастрас кардани он ба маротиб меафзояд.***

# "МИНБАРИ ХАЛҚ" - РӮЗНОМАИ ПИСАНДИДА

Мутташаккилона гузаронидани маъракаи обуна бахусус миёни ташкилотҳои ибтидоии ҳизб баръало мушоҳида мешавад. Аллакай теъдоди обуна ба "Минбари халқ" 900 ададро ташкил дода, ин рақам ҳадди ниҳоӣ намебошад. Миёни пешқадамони маъракаи обунаи имсола ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии КАТС, раисаш Мӯътабар Раҳматова, Беморхонаи марказии шаҳрӣ роҳбараш Собирҷон Акрамов, Коллеҷи тиббӣ, ки раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбиаш Аскар Раҳимов аст, бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи шаҳр бо роҳбарии Қаҳҳор Ҷӯраев ва ҳайати омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 19 бо сарварии раиси ташкилоти ибтидоии ҳизб Баҳром Рӯзиев ангуштнамо буда, дигар ташкилотҳои ибтидоии ҳизб ҳам ният доранд, ки ба ҳафтаномаи писандидаашон "Минбари халқ"обуна шаванд.

- Муҳтавои "Минбари халқ" давра ба давра беҳтар гардида, муштариён ҳар як шумораи онро бесаброна интизорӣ мекашанд. Мо аз ҳайати эҷодӣ тақозо менамоем, ки ин ташаббусро идома дода, бо пешниҳоди маводи ҷолиб ва дархӯри замон талаботи хонандагонро қонеъ созанд, таманно менамояд, раиси кумитаи иҷроияи ҳизб дар шаҳри Истаравшан Матлуба Мухторова.

**Б.МАЪРУФ**

# ХОНА БА ХОНА ВА КӮЧА БА КӮЧА



Дар асоси нақша - чорабинии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва ҷамъияти таблиғотии "Фарҳанги сиёсӣ" дар маҳаллаҳои "Навобод" ва "Ҳоҷӣ Шариф" бо шаҳрвандон вохӯриҳо баргузор гардида истодааст.

Аллакай натиҷаҳои хуби ин тарзи коргузорӣ эҳсос карда мешавад, зеро шаҳрвандон сари вақт аз қабули қонунҳои нав, баргузории маъракаҳои сиёсӣ ва аз нақша - чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бохабар гашта, дар ҳамаи чорабиниҳо фаъолона иштирок менамоянд.

Имрӯзҳо ҳайати гурӯҳҳои таблиғотӣ бо шаҳрвандон оид ба иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, сафарбаркунии ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ ва омодагиҳо ба соли нави хониши 2015-2016 корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда истодаанд.

# АКСИЯИ "РӮЗҲОИ ҲХДТ" ДАР ШАҲРИ САРБАНД

**Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Сарбанд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Сарбанд оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, муҳофизати оила ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кор бо занон, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, дар ҷамоати деҳоти Гулистон, бахшида ба истиқболи 24-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аксияи "Рӯзҳои ҲХДТ" таҳти унвони "Оилаи солим- ҷомеаи солим" ва "Корвони саломатӣ" гузаронида шуд.**

**Дар чорабинии мазкур бо ҷалби Муассисаи кӯмаки аввалияи санитарии тиббӣ ва Сохтори госпиталӣ зиёда аз 80 оила аз ташхиси тиббӣ ба тариқи ройгон гузаронида шуданд.**

**Дар идомаи чорабинӣ, муовини раиси шаҳри Сарбанд Н. Қурбонова, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Сарбанд С. Ватанов, мудири бахши маорифи шаҳр С. Тоиров ва вакили маҷлиси вакилони халқи шаҳр А. Изатуллоев оид ба эълон гардидани "Соли оила", паёмадҳои нохуши никоҳи хешутаборӣ ва инчунин дар мавзӯъҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва тақлиди либосҳои бегона суҳбат намуданд.**

**И. ТОҲИР**

# ОИЛА - ЯК РУКНИ УСТУВОРИ ҶОМЕА

**Дар партави эълон гардидани соли 2015 "Соли оила" тибқи нақша-чорабинии якҷояи МИҲД ва КИ ҲХДТ дар шаҳри Чкалов бо иштироки коршиносон, роҳбарони сохторҳои мухталиф дар толори меҳмонхонаи "Сипеҳр" семинар-машварат дар мавзӯи "Оила -омили таҳкимбахши ҷомеа", баргузор гардид.**



Чорабиниро муовини Раиси шаҳри Чкалов Киромидин Мухторов ҳусни ифтитоҳ бахшида иброз намуд, ки дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оила ҳамчун асоси ҷамъият эътироф гардидааст ва моро зарур аст,ки маҳаки ҳақиқии оилаи тоҷикро ҳамчун рукни муқаддасу аризишманд ҳифз ва нигаҳдорӣ намоем. Имрӯз дар самти пойдории оилаҳо ба роҳ мондани анъанаҳои неки аҷдодӣ, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона, ки ба муносибатҳои оилавии зану шавҳар мусоидат менамояд, дар мадди назари доимии мақомоти давлатӣ ва аъзои ҷомеа қарор дорад.

Дар чорабинӣ мавзӯъҳои "Ҷинояткории аъзои оила", "Муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар оила", "Никоҳи бармаҳал ва паст будани маърифати оиладорӣ", "Никоҳи хешутаборӣ, пешгирии бисёрникоҳӣ, адолат дар оиладорӣ аз нигоҳи ислом", аз тарафи иштирокчиён матраҳ гардид.

**«МХ»**

# БАҲСИ ҲИМОЯИ ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ХОРУҒ

**Масоили вобаста ба рушди соҳаи телевизион ва радио ҳангоми гузариш ба пахши рақамӣ ва ҳимояи фазои иттилоотии кишвар дар мизи мудаввараe, ки дар шаҳри Хоруғ бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бахши вилоятии ҶСК "Телерадиоком", воситаҳои ахбори оммаи электрониву чопии вилоят доир гардид, баррасӣ шуданд.**

Мудири бахши иттилоотӣ-таҳлилии дастгоҳи раиси ВМКБ Нилуфар Асламшоева дар ибтидо аз зарурати гузариш ба пахши рақамӣ ёдовар гардида, таъкид дошт, ки ин раванд бояд барои пурра намудани фазои иттилоотии кишвар мусоидат кунад.

Сармуҳандиси ҶСК "Телерадиоком" дар вилоят Алимурод Шомансуров изҳор дошт, ки айни замон дар шаҳри Хоруғ чор шабакаи умумимиллии давлатӣ ва як шабакаи вилоятии телевизионӣ дар мултиплекси фаъоли рақамӣ қобили дастрасӣ мебошад. Сипас, раиси Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони маводи радиотелевизионии ҷумҳурӣ Зинатулло Исмоилов оид ба проблемаву мушкилоти вобаста ба гузариш ба пахши рақамӣ иттилоъ дода, зарфият ва нақши шабакаҳои мустақили телевизиониро дар пурра намудани фазои иттилоотии кишвар бозгӯӣ намуд. Зимни саволу ҷавоб иштирокдорони мизи мудаввар масоили вобаста ба рушди ҳамкориҳои мақомоти давлативу ҷамъиятӣ оид ба боло бурдани маърифати аҳолӣ дар мавриди гузариш ба формати нави пахши барномаҳои телевизионӣ, пурзӯр намудани маъракаи иттилоотӣ дар ВАО-и электронӣ ва чопии вилоят, таҳияи силсилаи барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ дар ин мавзӯъ ва роҳҳои дарёфти кӯмак ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ бобати дастрас намудани мавҷқабулкунакҳои рақамиро баррасӣ намуда, тавсияҳои худро ба мақомоти дахлдор пешниҳод сохтанд. Тавре вай изҳор дошт, чунин чорабиниҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа низ доир гардида, маҷмӯи тавсияҳои иштирокдорони онҳо ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод хоҳад шуд.

**М. СОҲИБНАЗАРОВА**

# ДОНИШКАДАИ КОНФУТСИЙ ДАР ЧКАЛОВ

Дар Донишгоҳи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон ба муносибати ифтитоҳи Донишкадаи Конфутсий чорабинии бошукӯҳи дӯстӣ баргузор гардид.

Дар маросими кушодашавии Донишкадаи номбурда, Ректори Донишкадаи нафтии Чин профессор, хонум Шан Хун Хун, намояндаи котиби генералии Институти Конфутсий Сюй Лин, муовини аввали Вазири мориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматулло Раҳимбоев, роҳбарияти шаҳри Чкалов иштирок намудаанд.

Чорабиниро ректори ДКМТ Мухтор Фозилов ифтитоҳ бахшида, изҳор намуд,ки ташкили чунин боргоҳи маърифат дар заминаи созишномаи роҳбарияти олии ду кишвари дӯст Тоҷикистон Чин роҳандозӣ гардидааст ва иқдоми шоиста маҳсуб ёфта, ҳамкории мутақобилаи судманди ду кишвари дӯстро боз ҳам қавитар менамояд.

Донишгоҳҳои Конфутсий дар Тоҷикистон аз соли 2009-ум инҷониб дар назди Донишгоҳҳои миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи педагогии ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи Давлатии Данғара, фаъолият намуда, то ин дам беш аз 6-ҳазор донишҷӯён забон ва фарҳанги чиниро аз худ намудаанд.

Ба роҳ мондани забон ва фарҳанги чинӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон бозгӯи тақвияти ҳамкориҳои судманди дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Чин дар соҳаҳои мухталиф густариш хоҳад ёфт.



**М. МАҲМУДОВ**

*Ҳодисаю воқеаҳои кишварҳои нимҷазираи Арабистон оламро ба ташвиш овардааст. Як мавзӯи асосии расонаҳои хабарӣ қатлу куштор ва ба ҳалокат расонидани одамон дар Сурия, Ироқу Яман аст.*

# ИСЛОМРО БА ИФРОТГАРОӢ НАБАРЕД!

**Хоҷаҳои исломии навбаромади ин кишварҳои хилофатпараст диққати тамоми мамлакатҳои оламро ба худ ҷалб намудаанд. Намояндагони зархарид ҷавононро, гӯё ба ҳимояти Ислом ва ташкил кардани хилофати ягонаи мусулмонӣ даъват карда истодаанд. Ташкил кардани чунин хилофатро, ки дар сиёсати имрӯзаи исломиашон бо номи ДИИШ муаррифӣ мекунанд ва асосаш қатлу куштори ваҳшиёнаи кӯдакону занон, ҷавонону пиронсолон мебошад бо роҳи зӯроварӣ ва даҳшатфиканӣ амалӣ карданианд.**

**Бисёр таасуфовар аст, ки аллакай як зумра фарзандони гумроҳшудаи миллати мо ҳам ба доми онҳо афтода, барои ҷиҳод озими Сурия шудаанд. Бадбахтӣ дар он аст, ки иддае аз онҳо бо зану фарзандонашон рафтаанд. Аллакай як қисмашон қурбони ин "ҷиҳод"- и кӯр-кӯрона шуда, зану фарзандон бесоҳиб мондаанд. Мутаассифона, аз ноҳияи мо тибқи расонаҳои хабарӣ чунин раҳгумзадаҳо 10 нафарро ташкил медиҳад.**

**Падару модарони азиз! Аз ҳоли фарзандон бохабар бошед!. Махсусан фарзандонеро, ки ба кишвари Русия ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, ҳушдор диҳед, ки ба доми тарғиботчиёни ҷиҳод наафтанд. Фаромӯш накунед, ки чун ба доми онҳо афтиданд, дигар онҳо фарзандони мо нестанд, балки душмани хунхори миллату кишвари худ мешаванд. Исботи инро аз тариқи шабакаҳои интернетӣ дида истодаем, ки онҳо ифротию хеле тунд ҳарф мезананд. Аз ин лиҳоз аз ҳамаи падару модарон хоҳиш мекунам, ки дар таълиму тарбияи фарзандон коҳилӣ накунанд, эҳсоси масъулият намоянд. Тоҷикистон чунин фарзандони ифротию тундгаро бояд надошта бошад. Фаромӯш набояд кард, ки сохтори давлатдории мо ба ҳама шароити мусоид фароҳам овардааст. Гап сари он, ки фирефта нашавем.**

Рустам **НАСУРДИНОВ**,
*узви Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор,*



# ПЕШГИРИИ ГАРАВИДАНИ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ

Дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муминобод бо фаъолони ҳизб, сарварони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, раисони ҷамоатҳои деҳот, имомхатибон, вакилони маҳаллаҳо, занону ҷавонон дар масъалаи "Омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз он" мулоқот баргузор гардид.

Намояндаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Мирзозода, узви Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, раиси ноҳияи Муминобод Т. Амиршоев ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия дар суханрониҳои худ ин омили фалокатборро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**«МХ»**

## БА ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

# Бо арзи сипос ва эътиқод

**ҶАНОБИ ОЛӢ!**

Дар остонаи Анҷумани навбатии Иттифоқи нависандагон, чанде аз рӯзномаҳо ба ман муроҷиат карданд, ки андешаҳоямро нисбати фаъолияти чандинсолаи Раёсатамон иброз дорам. Ман ба рӯзномаи "Нигоҳ" розигиямро додам ва мавқеи шоистаи Шумо, ғамхорӣ ва дастгирии пайвастаи Шумо ва Ҳукумати Тоҷикистонро нисбати ин ташкилоти бонуфузи эҷодӣ изҳор намудам. Ҳамзамон мехостам, пас аз интихоби роҳбарияти нави Иттифоқи нависандагон, аз номи Раёсати солҳои пешин, шахсан аз номи худам низ, ба Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, изҳори сипос кунам, аммо фурсат созгор наомад. Инак, ба воситаи рӯзномаи "Минбари халқ", ки банда узви ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳастам, ин ниятамро амалӣ мегардонам.

Дар даврае, ки Тоҷикистон рӯзҳои вазнину фоҷиаборро аз сар мегузаронид, банда дар оғози Истиқлолияти кишвар дар Маҷлиси Олӣ ва баъдан дар Маҷлиси Миллӣ ҳамчун узви Парлумон намояндагӣ доштам, ки он ҳам ба шарофати дастгирии Шумо буд. Мо, агар гӯем, ки он солҳо, умуман маош намегирифтем, хато намекунем, чаро ки сандуқи буҷа холӣ буд. Аммо меҳри Ватан ва эътиқоде, ки ба Шумо доштам, маро ва он намояндагонеро, ки ба ояндаи кишвар умед баста буданд, рӯҳу мадор мебахшиданд. Аввалин драмаҳои таърихии "Шоҳ Исмоили Сомонӣ", "Фирдавсӣ" ва "Нангбардори Хуҷанд"-ро дар асоси гузоришҳои Шумо, Ҷаноби Олӣ, ки бояд огоҳона ва ифтихормандона рӯ ба таърихи хеш биёварем, навишта будам. Дирӯз дар Анҷумани Иттифоқи нависандагон, ки роҳбарияти навро интихоб кардем, доир ба ободонӣ ва баргузории пайвастаи маҳфилҳо доир ба ин ё он бахшҳои эҷодӣ, навҷӯиҳо ва ба ҳамомаданҳо аз ҷониби адибон, суханони нек гуфта шуданд, ки он ҳамаро низ, мо аз ғамхорӣ ва дастгириҳои пайвастаи Шумо медонем.

Мо аз дастовардҳои беназири Тоҷикистони соҳибистиқлол, махсусан таҳти сарварии Шумо ба онҳо ноил гардидаем, сидқан ифтихор менамоем.

Дар ин давра тамоми саъю кӯшиши роҳбарияти давлат ба иҷрои мақсадҳои стратегии мамлакат, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ равона гардид ва дар ин роҳ ба натиҷаҳои назаррас комёб шудем. Сохтмони роҳҳо ва нерӯгоҳҳои хурду бузурги нави барқ аз ҷумлаи самараи истиқлолият мебошад.

Дар ин давра обрӯю эътибори байналхалқии Ватанамон низ афзуд. Истиқлолияти воқеии Тоҷикистон дар доираи ҷаҳон эътироф шуд.

Дар ин муваффақиятҳо, ки ба таҳкими истиқлолияти Ватани азизамон, пешравиҳои иқтисодиву фарҳангии он мусоидат кардаанд, бешак, дар ташвиқи ин ҳама корнамоиҳои беназир саҳми адибон низ назаррас аст. Адибони Тоҷикистон дар беш аз бист соли истиқлолият асарҳое эҷод кардаанд, ки дар онҳо пеш аз ҳама, роҳи тайкардаи душвор ва талошу муборизаҳо баҳри расидан ба комёбиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии халқамон, фидокорӣ ва заҳматҳои созандаи Президенти кишвар барои сулҳу амният ва озодиву ободии мамлакатамон инъикос ёфтаанд.



Асарҳои дар ин давра эҷодкардаи адибонамон асосан дар шакли китобҳои алоҳида ва дастҷамъӣ ба табъ расиданд, ки онҳо ба хонандагони муҳтарам маълуманд. Китобҳои "Сарзамини нозанинам, Тоҷикистон" (маҷмӯаи дастҷамъии назму наср), "Ватанам Тоҷикистон" (маҷмӯаи шеърҳо барои хурдсолон), "Таронаи Ваҳдат" (маҷмӯаи дастҷамъӣ), "Рӯ ба Офтоб" (маҷмӯаи дастҷамъии назму наср), "Дарвозаи тиллоӣ", "Тазкираи адибони вилояти Суғд", "Достони ваҳдати миллат", "Тоҷикистон нурборон мешавад", "Шукӯҳи истиқлол", "Баҳори сулҳ" (маҷмӯаи шеърҳои шоирони тоҷик бахшида ба соли байналмилалии сулҳ), "15 баҳори истиқлол" (маҷмӯаи назму наср бахшида ба 15-солагии истиқлолият), "Баёзи Ваҳдат" (гулчини ашъори шоирони тоҷик дар ситоиши Ваҳдат) ва дар мавзӯи сохтмонҳои бузурги даврони истиқлол китобҳои "Таронаи Анзоб" (маҷмӯаи дастҷамъии шоирони тоҷик бахшида ба нақби Анзоб - "Истиқлол", 2006), "Наврӯзи Роғун" (Баёзи назму наср, 2010) намунаҳои барҷастае аз эҷодиёти тозаи қаламкашони тоҷик маҳсуб меёбанд.

Дар ин китобҳо дастовардҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлоли кишвар таҳти ҳидояти Шумо, Ҷаноби Олӣ ба қалам омадаанд.

Асарҳои алоҳидаи публисистии нависандагон Бахтиёр Муртазо романи "Нақби Истиқлол" (2007), Ҷамолиддин Тошматов "Бунёдкорони Сангтӯда" (2009), Муҳиддин Хоҷазод "Барқи дили Сангтӯда" (2009), Ҳанифаи Муҳаммадтоҳир "Сангрезаҳои Сангтӯда" (2009), Раҷабалӣ Аҳмадов "Роғун - ифтихори миллат" (Душанбе, 2011), Шералӣ Мӯсо "Ошёни уқобон" (2010), "Мардистон" (доир ба нақби "Шаҳристон" ва "Чормағзак", 2014), "Достони Роғун" (2015) мавзӯи сохтмону бунёди нақбу нерӯгоҳҳо, шоҳроҳҳои сатҳи байналмилалиро, ки бо дастуру ташаббуси бевоситаи Шумо, Ҷаноби Олӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд, дар бар гирифтаанд.

Дар ин давра дар мавзуъҳои таърихӣ ва ҳам имрӯзи даврони мо дар назму наср, драматургия ва адабиёти кӯдакону наврасон низ асарҳои бадеии шоёни таҳсин офарида шудаанд. Асарҳое эҷод шуданд, ки ба андешаи мо бояд адабиётшиносон онҳоро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Ба ҳамин тариқ метавон гуфт, ки дар даврони истиқлолияти воқеъии кишвар эҷодиёти бадеӣ равнақу ривоҷи тоза ёфт, доира ва мавзӯъҳои мавриди тасвири шоирону нависандагон вусъати тоза пайдо кард.

Ман дар яке аз гузоришҳоям, ба ифтихори бунёди яке аз бузургтарин ва камназиртарин китобхонаи миллии кишвар, ки дар доираи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамто надорад, гуфта будам. Айёме, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ ҳанӯз паст нашуда буд, Тоҷикистон аз назари иқтисодӣ муфлис ва барҷомонда метофт, бо ташаббус ва андешаи дурнамои Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар маркази пойтахтамон шаҳри Душанбе, муҷассамаи бошукӯҳи Исмоили Сомонӣ қад афрохт. Дар гумони ман он шабу рӯз дар баробари қомати афрохтаи Исмоили Сомонӣ, қомати хамидаи кишвар ва мардумони ғамбору дилшикастаи он низ бардошта шуд. Боварӣ ба оянда дар дили озурдаи мардум шӯъла зад.

Аз амалҳои неки Ҷаноби Олӣ доир ба бахшҳои фарҳангӣ ва созандагӣ дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон, роҳсозию туннелҳо, маорифу илму фарҳанг мисолҳои зиёде гуфтаанд ва навиштаанд. Ин ҷо бамаврид медонам ду сафари берун аз кишварро, ки солҳои пешин бо Шумо, Ҷаноби Олӣ ҳамроҳӣ доштам, ба хотир биёварам.

Соли 2006 дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон соли пур аз воқеаҳои шодибахшу пурифтихор, соле буд, ки дар саҳифаи таърихи Тоҷикистони озоди соҳибистиқлол нақши муҳими ҷашнҳои воқеан пуршукӯҳ ва оғози корномаҳои бузургро бигзошт. Соли 2007 низ соли пурфайз ва пур аз ҷашну корномаҳо иборат буд. Ба қавли мардуми кордидаю корозмуда "Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост".

Дар саргаҳи соли 2007 мардуми Тоҷикистон ва аҳли фарҳанги он аз қарори нави Ҳукумати Тоҷикистон, ки ба ифтихори ҷашни 800-солагии шоир ва мутафаккири оламшумул Ҷалолиддини Румӣ (Балхӣ) ифшо шуд, боиси хушнудии зиёд гардид. Аз қарор бармеомад, ки конфронс ва маҳфилҳои адабии расмӣ дар арафаи ҷашни истиқлолияти Тоҷикистон, 5-7 сентябр гузаронида хоҳанд шуд. Ҳамчуноне ки огоҳӣ дорем, дар сафари расмие, ки соли 2006 Шумо, Президенти азизи кишварамон ба Туркия доштед, расман баргузории ин ҷашн заминаи тоза гирифт. Дар ин сафар Шумо, Ҷаноби Олӣ ба шаҳри Қуния омада оромгоҳи шоирро зиёрат намудед ва маҳз бо ташаббуси Шумо фикри дар ҳамкорӣ бо кишвари Туркия гузаронидани ҷашн ба миён омад.

Ногуфта намонад, ҳангоми сафари давлатие, ки соли 2006 Шумо, Ҷаноби Олӣ ба Ҳиндустон низ доштед, бо саҳм ва дархости Шумо, Ҷаноби Олӣ оромгоҳи қариб аз назарҳо гумшудаю фаромӯшшудаи шоири тавонои тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил таъмир ва то ҷое аз нав сохта шуд. Дар харитаи ҷойгоҳҳои таърихии Ҳиндустон бо номи "Боғи Бедил" зиёратгоҳи нав арзи вуҷуд намуд. Он рӯзҳои сафар боиси ифтихори ҳамагон буд, ки бо хоҳишу пешниҳоди Шумо, Сарвари азизамон дар "Боғи Бедил" маҳфили хотирмони мушоира баргузор гардид. Яъне ин ишораҳои ба тариқи фишурда овардаи ман далел бар он аст, ки Шумо ҳамчун Президенти кишвар аз оғози солҳои пешини фаъолияти хеш дар ҳимоя ва арҷгузории ному нишони фарзандони баруманди миллат ҳамвора талош ва заҳматҳои фаровон мекашед. Берун аз кишвар, Тоҷикистонро ҳамчун сарзамини куҳанбунёди китобдору шаҳрдор, бо фарзандони фарзонаи маърифатпарвари дирӯз ва имрӯзаш шинос мекунед.

Ман ин ҷо шаммаеро аз амалҳои бузургу шоистаи Шумо, Ҷаноби Олӣ, ба қалам овардам.

**БИГЗОР ҲАМЕША САРБАЛАНД ВА ИФТИХОРИ МАРДУМИ КИШВАР БОШЕД!**



**Мехмон БАХТӢ,**
***нависандаи Халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ***

## *МУНОҚИШАИ "БАРОДАРОН"*
# ҶАҲОНИЁНРО БА ТАШВИШ ОВАРДААСТ

Ҳафтаи сипаришуда вазъ дар нимҷазираи Корея муташанниҷ гардид, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, алалхусус кишварҳои минтақаро ба ташвиш овардааст. Кореяи Шимолӣ расман эълом дошт, ки агар ҳамсояи ҷанубиаш ба "ҷанги равонӣ" анҷом набахшад, пас амалиёти ҷангиро оғоз хоҳад кард. Артиши Кореяи Шимолӣ рӯзи панҷшанбе ҷониби минтақаи сарҳадии Йончхони музофоти Кёнгидои Кореяи Ҷанубӣ бо истифода аз системаи мушакӣ оташ кушод.

Дар ҷавоб артиши Кореяи Ҷанубӣ ҷониби нуқтаи ракетаҳои кишвари шимолӣ аз силоҳи 155 мм оташ кушод.

Бино ба иттилои ВАО, ҳадафи зарбаи ҳарбиёни Кореяи Шимолӣ васоити пешбурди "ҷанги равонӣ"- баландгӯякҳои дар хати сарҳад гузошта будааст. - Мо тавассути телефонограмма талаб намудем, ки ин лавозимот аз сарҳад гирифта шуда, ҷанги равонӣ қатъ карда шавад. Дар акси ҳол амалиёти ҳарбӣ оғоз хоҳад шуд,- таъкид сохтанд намояндагони вазорати дифои кишвар. "Ҷанги равонӣ" алайҳи Кореяи Шимолӣ баъди танаффуси тӯлонӣ пас аз соли 2008 сари қудрат омадани қувваҳои кӯҳнагаро дар Кореяи Ҷанубӣ сари нав оғоз гардид. Задухӯрд миёни кишварҳо бори аввал рух намедиҳад. Соли 2010 наздики ҷазираи Йонпхёндо дар баҳри Зард, ки хати тақсимоти кишварҳои мазкур мегузарад, бузургтарин муноқишаи минтақавии 50 соли ахир миёни ҳарбиён ба амал омад, ки дар натиҷаи он 2 сарбози Кореяи Ҷанубӣ ҳалок гардидаву 14 нафари дигар ҷароҳат бардоштанд.



Таҳдидҳои охирии Пхенян дар рӯзи 70-солагии озод намудани нимҷазираи Корея аз истилогарони японӣ садо доданд. Айни замон миёни намояндагони ду кишвари ҳамҷавор барои паст намудани шиддатнокии вазъи ба амал омада гуфтушунидҳо доир гардиданд, ки натиҷаашон босамар будааст.

## *БА ЧИН* БО ГӮГИРДИ ХУД НАРАВЕД!

Фурудгоҳҳои Чин сатҳи назорати бехатариро бамаротиб пурзӯр намуданд. Бар ин бора рӯзномаи China Daily бо истинод ба ВАО-и маҳаллӣ хабар дод. Ин иқдомот ба муносибати 70-солагии ғалабаи мардуми Чин дар ҷанги алайҳи ғосибони ҷопонӣ дар Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ роҳандозӣ шудааст. Ҳукуматдорон ният доранд, ки санаи ҷашнии 3 сентябр дар майдони Тянанмэни шаҳри Пекин гузашти муҳташами ҳарбиро ба роҳ монанд ва ба он сарварони кишварҳои ҷаҳон даъват шудаанд.

Дар фурудгоҳҳо ҳамчунин муҳлати тафтиши мусофирон тамдид шудааст. Рӯзнома такя ба иттилои раёсати авиатсияи шаҳрвандии Чин хабар медиҳад, он мусофироне, ки нияти гузаронидани гӯгирд, оташафрӯзак (зажигалка) ва ё қуввадиҳандаи барқӣ (зарядникҳо) доранд, дарҳол дасти пулис супурда мешаванд. Ҳукуматдорони Пекин 850 ҳазор нафарро барои назорати кӯчаҳову мағозаҳо ва бозору дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ равона сохтаанд.



## *УКРАИНА:* ОТАШБАС РИОЯ НАМЕШАВАД

Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Мардумии Донетск иттилоъ додааст, ки ҳарбиёни украинӣ рӯзҳои ахир 14 маротиба оташбасро вайрон кардаанд. "Дар маҷмӯъ рӯзҳои ахир гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ 82 маротиба тартиби оташбасро вайрон карданд. 18 маротиба мухолифин артиллерияро истифода бурданд, 40 маротиба-миномёт ва 1 маротиба БМ-21 "Град"- гуфта мешавад дар хабари маркази матбуотии вазорат.



Тибқи маълумоти ҳарбиён, маҳаллаҳои аҳолинишини Авдеевка, Троитское, Богдановка зери оташ кашида шуда, маҳаллаи Олховка бо истифодаи системаи мушакии БМ-21 "Град" мавриди ҳуҷум қарор гирифтааст.

Хотирнишон мекунем, ки амалиёти ҳарбӣ алайҳи сокинони вилоятҳои шарқии Донетск ва Луганскиi Украина, ки аз ҳукумати нави марказӣ норозӣ ҳастанд, зиёда аз 1 сол давом дорад.



## ТИЛЛОИ *"РЕЙХИ САВВУМ"* ЁФТ ШУД?

Ду шаҳрванди Лаҳистон (Полша) эълон доштанд, ки онҳо қатораи пас аз Ҷанги Дуввуми Ҷаҳон гумшудаи Олмони фашистиро ёфтаанд. Дар ин қатора, тибқи асноди таърихӣ ҳаҷми зиёди тилло, сангҳои қимматбаҳо ва аслиҳа будааст, хабар медиҳад ожонсии Рейтер.

Ба иттилои ин манбаъ, ҳукуматдорони маҳаллӣ нисбати ин бозёфт аз идораи адвокатие, ки манфиати ашхоси қатораро дарёфт намуда-ду шаҳрвандони Лаҳистону Олмонро ҳимоя мекунанд, хабардор шуданд. Афроди кашшоф гуфтаанд, ки мавқеи ҷойгиршавии қатораи гумшударо медонанд, аммо барои нишон додани он 10% арзиши умумии ҷавоҳироти дар он бударо талаб намуданд. Тибқи иттилои Radio Wroclaw, гумон меравад, ки ин қатора охири ҷанг дар наҳби наздикии қасри Кшёнж ғайб задааст ва дар он аслиҳа ва ҷавоҳироти зиёд буд. Ин шабакаи радиоӣ мегӯяд, ки ҷустуҷӯи пешинаи қатора дар ин минтақа бесамар будааст.

Шабакаи хабарии Wiadomosti Walbrzyskie менигорад, ки дарозии ин қатора 150 метр буда, дар он тақрибан метавонад то 300 тонна тилло нигаҳ дошта шавад. - Ҳуқуқшиносон, артиш ва сӯхторхомӯшкунон ба ҷустуҷӯ сафарбар шудаанд. Дар ин минтақа ягон вақт ҳафриёт гузаронида нашудааст, аз ин сабаб мо намедонем, ки натиҷааш чӣ хоҳад шуд,-иброз намуд намояндаи шӯрои минтақаи Валбжих Марика Токарска.

## *БАРАК ОБАМА:* БАРНОМАИ ҲУҶУМ БА ЭРОНРО ҲОЛО КАСЕ ИНКОР НАКАРДААСТ

Президенти ИМА Барак Обама ба қонунгузорони демократ ваъда дод, ки Америка оянда низ фишори иқтисодиро сари Эрон паст намекунад ва эҳтимолияти оғоз намудани амалиёти ҳарбиро сарфи назар нахоҳад кард, ҳатто агар созишнома оид ба барномаи ҳастаии Эрон ба ҳукми қонун дарояд. Дар нома ба унвонии конгрессмени демократ Ҷерролд Надлер Обама қайд мекунад, ки агар Эрон нияти таъҷилан сохтани силоҳи ҳастаиро пиёда созад, "тамоми имконоте, ки дар дасти мост, азҷумла имконоти ҳарбӣ, алайҳи ин иқдоми Эрон равона сохта хоҳад шуд". Президент ҳамчунин хабар дод, ки ИМА он таҳримотеро, ки ба фаъолияти ҳастаии Эрон марбут нестанд, хотима нахоҳад бахшид. Дар назар дастгирии гурӯҳи ҷангии "Ҳизбуллоҳ"-и Лубнон, нақши Эрон дар ҳаводиси кишвари Яман ва сойири кишварҳои Ховари Наздик мебошад. Дар номаи худ Обама ҳамчунин афзудааст, ки Америка сиёсати дастгирии Исроилро идома хоҳад дод ва "шахсан ӯ амнияти Исроилро ҳамеша муқаддас медонистааст".

*Таҳияи* **Азамат ДӮСТОВ**



Маориф

# РӮШОН БА СОЛИ ХОНИШ ОМОДА АСТ

**Баъзе минтақаҳо ба муаллим ниёз доранду дар Бадахшон муаллим ба ҷои кор**

**МУАССИСАҲОИ** таълимии ноҳияи Рӯшон соли нави таҳсилро бо омодагии беш истиқбол намуданд. Тавре мудири шӯъбаи маорифи ноҳия Худоназар Нурҳаётов иттилоъ дод, коллективи омӯзгорони муассисаҳои таълимии ноҳия баъди оне, ки хатмкунандагон охирин имтиҳонҳои давлатиро супориданд, маъракаи таъмири синфхонаҳоро оғоз намуданд. Дар ҳамбастагӣ бо кумитаи падару модарон бинои мактабҳо аз таъмири ҷорӣ комилан баровarda шуданд. Баробари имдоди волидайн аз ҳисоби хароҷоти муассисаҳои давлатӣ ба хотири таъмир 90983 сомонӣ ҷудо карда шуд. Ҳамаи ин имконият дод, ки кулли муассисаҳои таълимӣ бо сифати баланд таъмир гарданд. Муассисаҳои таълимӣ 80 дарсад бо китобҳои дарсию ашёи хониш таъминанд. Рӯзҳои наздик тибқи дархости шӯъбаи маорифи ноҳия китобҳои боқимонда ва ашёҳои таълим низ ба дасти хонандагон мерасанд-.Тамоми муассисаҳои таълимии ноҳия бо компютерҳои замонавӣ таъмин шуданд. Дониши хонандагон нисбат ба ибтидои солҳои 90 уми қарни сипарӣ баланд аст. Иштироки хонандагон дар озмунҳои фаннии ноҳиявӣ, вилоятиву ҷумҳуриявӣ хеле баланд гардидааст. Соли ҷорӣ аз 59 нафар иштирокчиёни озмуни вилоятӣ 4 нафар ҷои аввал, 5 нафар ҷои дуюм ва 7 нафар ҷои 3-мро ишғол намуданд. Имрӯз дар ноҳия як чиз ҷолиб аст, ки худи волидайн кӯшиш бар он доранд, ки таъмири синфхонаҳо ҳар чи зудтар ва бо сифати баланд сомон дода шаванд. Ин шаҳодати он аст, ки волидайн дар кори саводомӯзии омӯзгорон ба фарзандонашон боварии калон доранд.



- Муассисаҳои таълимии ноҳия комилан ба мутахассисони соҳибтаҷриба таъминанд. Дар ҳамаи фанҳо муаллимон мерасанд, ба ин нигоҳ накарда, Вазорати маориф ҳар сол кадрҳои ҷавонро ба шуъбаи маорифи ноҳия мефиристонаду мо, ки ҷои холӣ надорем , онҳоро ба ҳайси корҷӯ дар навбат мемонем,хуллас беҳуда овора мешаванд. Тибқи рӯихати Вазорати маорифи ҷумҳурӣ соли ҷорӣ бояд 56 нафар ҷавонон ба шуъбаи маорифи ноҳия сафарбар шавандy мо онҳоро бо кор таъмин намоем. Ҳоло танҳо барои 4 нафар ба азобе ҷои кор ёфтем, - мегӯяд Х.Нурҳаётов.

Бале, суханони мудири шуъбаи маорифи ноҳия ҷон доранд. Дар Вазорати маориф рӯихати навоҳие, ки омӯзгорон намерасанд, мавҷуд аст, пас чаро онҳоро ба ин ҷойҳо намефиристонанд, ки ба омӯзгорон сахт ниёз доранд. Ба ноҳияҳое мефиристонанд, ки аз кулли фанҳо омӯзгорони соҳибтаҷриба доранд. Онҳо то кай дар навбат меистанд,ба вижа дар муассисаҳои таълимии Бадахшон, ки бе ин ҳам дар ин ҷо бар асари тавлиди кам ҳар сол теъдоди хонандагон камтар гардида,синфхонаҳою мактабҳо маҳкам мешаванду худи омӯзгорони соҳибтаҷриба бекор мемонанд. Ин амал теъдоди бекоронро дар вилоят афзоиш медиҳад.

**Лутфишоҳи ДОДО**



# Чаро сафи ифротиён меафзояд?

**Суоли матраҳшуда ҳар шахси огоҳро водор месозад, ки сари ин нукта андеша кунад ва омилҳои онро чи аз дохил ва чи аз берун муайян кунад, то ҷанбаҳои ифротӣ шуданҳо ва зиддияти иҷтимоиву ақибмондагии кишварро ошкор созад.**

**МУШКИЛОТЕ,** ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ бештари зиддиятҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад, ин сӯистифода кардан аз дину бовариҳои мардум аст, ки бештар арзишҳои таҳрифшуда ва зиддиятҳоро дар ҳар ҷомеа роҳандозӣ мекунад.

Дин ҳамчун падидаи иҷтимоӣ пеш аз ҳама боварии инсонро ба як мабдаи фароҷисмие, ки қудрати муъҷизаофаринӣ дорад, ифода мекунад. Қудрати муъҷизаофаринии дин бештар хусусияти ҷомеаҳое аст, ки сатҳи донишу маърифат поин буда, тафаккури ташхисӣ - танқидӣ вуҷуд надорад ё дар таърихи гузаштаи миллатҳо бештар ҳамчун фишанги саркӯбкунанда истифода шудааст, то инсонҳоро ҳамеша дар ҳолати ибтидоӣ ва дастнигарӣ нигоҳ дорад. Руҳониён ва сиёсатмадорон, ки дар таърихи гузашта як чеҳра доштанд, динро на ҳамчун омили маърифатӣ, ахлоқи ҳуқуқӣ ва бовармандӣ, балки ҳамчун фишанги қудрати мудирияти ҷомеа истифода мекарданд.

Динҳо дар ҷомеаҳои ибтидоӣ бештар хусусияти ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмиро дошта, оламро дар сатҳи мушоҳидавӣ дарк мекарданд ва мушкилоти мавҷуди худро бештар дар сатҳи примитивӣ аз роҳҳои парастиши бутҳои гуногуни шахсӣ, авлодиву қабилавӣ, қурбонӣ кардани инсонҳову ҳайвонот ва зораву таваллои аҷроми заминиву самовӣ роҳҳал меҷӯстанд.

Гарчанде дар ибтидо рисолати ҳар пайғамбар овардани арзишҳои нав ба ҷомеа буд ва ӯ бо қудратҳои вақт даст ба гиребон буд, аммо баъдан аз тарафи пайравон ва қудратталабон ба ҳар тарзе, ки мехостанд аз ин ниҳоди нав ташаккулёфта сӯистифода кунанд ва онро дар доираи манфиатҳои худ маҳдуд созанд.

Агар нақши динро дар таърихи гузаштаи мо ба таври куллӣ арзёбӣ кунем, дин ҳамчун падидаи (дини Зардуштӣ ва Ислом) шояд дар ибтидо тавонист арзишҳои шоҳигарӣ ва худкомагии онҳоро шикаст диҳад, аммо натавонист ҷойгузини он низомеро ба вуҷуд оваранд, ки чунин худкомагон зуҳур кунанд ва тамаддуни бавуҷудовардани он тавонад ба таҳоҷуми хориҷӣ муқобилият кунад. Махсусан Ислом дар муборизаҳои сиёсӣ бештар аз таҳаввулоти инқилобии ҷомеа кор гирифта, тамоми арзишҳои гузаштаро ҷоҳилият эълон карда, онҳоро таҳриб кард ва ба коми нобудӣ афканд.

Дар тули 1400 сол хулафои рошидин, Уммавиён, Аббосиён, Чингизиён, Сомониён, Темуриён, Манғитиён дар Осиёи Миёна дар ҷомеаи Ислом ва рӯҳоният ба ғайр аз мутобиқат шудан ба Ислом ва сӯистифода кардани он ҳамчун як фишанги сиёсӣ барои нигоҳдошти низоми худкомаи хеш дигар нақше надоштанд. Гарчанде чунин амалкарди сиёсиву маънавии ҳукуматҳои динӣ дар замони эҳёи Аврупои Ғарбӣ шикаст хӯрд ва ҷойгузини он давлатҳои дунявӣ ба вуҷуд омаданд, аммо баъди шикасти тамаддуни Аврупоӣ дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Амрико боз аз дин сӯистифода карда, дар ҷомаи бовариҳои динӣ ва миллӣ-мардумӣ қудрати худро амалӣ сохта истодааст. Яке аз фишангҳои ҷанги сард дар барobari Иттиҳоди Шӯравӣ ва мавқеи пайдо кардани қудрати Америка дар Ховари Миёна, Покистон, Афғонистону Осиёи Миёна ва умуман Аврусиё, ки маркази тамаддунофари замин буд, барои ба вуҷуд овардани зиддиятҳои иҷтимоӣ дар иҷомеаҳо истифодаи дин ва ангезиши бархурдҳои иҷтимоӣ, инчунин бо истифода аз бовариҳои мардумӣ ва урфу одатҳои миёншикан ва муфлисшавии низоми оиладорӣ - қабилавӣ ва шикасти ҷаҳонбинии илмӣ ба дасти ҷаҳонбинии динӣ дар баробари идеологияи маҳдуди догматикии вақт оҳиста - оҳиста дастаҳо ва гуруҳҳои (мафияҳои) ҷиноятӣ ташаккул ёфта, қудрати сиёсиро фалаҷ сохта ва масрафкории зиёд дар соҳаи истеҳсолот ва дуздии моликияти давлатӣ ва сӯистифодаи он, миёни низоми иқтисодии кишварро шикаста, низоме ки дар асоси диалектикаи рушд таъсис ёфта буд ба догма табдил шуда, аз байн рафт.

Дар ҳоле ки ҷаҳонбинии марксистӣ он буд, ки бояд ҷомеаҳо дар асоси зиддиятҳо рушд мекарданд. Аз ҷанбаи дигар агар ба низоми диалектикии марксистӣ таваҷҷуҳ кунем, бояд ба чунин инқилоб ҷомеаҳое, ки форматсияи таърихи иҷтимоиро қабул доштанд, мерасиданд. Ва воқеият нишон дод, ки чунин амал воқеият пайдо кард ва ин низомро забун сохт ва боз ба асли хеш баргашта, динҳо сӯистифода шуданд ва имрӯз дар тамоми рӯи замин руҳониён ҷойгоҳ пайдо карда, дин ҳамчун фишанги сиёсӣ барои қудратталабон истифода шуд.

Хулоса, имрӯз дин ҳамчун омили муноқишасози ҷомеаҳо аз тарафи қудратталабон ва сиёсатмадорон ҳамчун амалкарди сиёсӣ истифода мешавад. Ин амалкард чи дар дохили кишварҳо ва чи аз берун мудирият мешавад ва ҳамчун омили тасодуфӣ ва ғайри мақсаднок нест. Дар ҷаҳони муосир дин наметавонад ҳамчун омили маърифатӣ - фарҳангӣ мавқеи пештози арзишофаринӣ ва муайянкунанда дошта бошад. Аммо ҳамчун муқаддасоти таърихӣ арҷгузор аст, ки дар саҳифаҳои таърихи башарият ҷой дорад. Инчунин дин ҳамчун омили фарҳангӣ дар таърих тавонист муносибатҳои иҷтимоиро дар асоси арзишҳои инсонӣ ташаккул диҳад.

**Ёрмуҳаммад НИЁЗӢ,**
*директори Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндагарии илмии АИ ҶТ*

# ИСТИҚЛОЛИ

Истиқлоли Ватан, ки мояи ифтихору саодат ва фарҳундагии тоҷикистониён мебошад, сароғози эҳёи миллату давлат гардида, дар замири ҳар як фарди ҷомеа эҳтиром ба фарҳангу тамаддун ва хоки поки аҷдодро ба маротиб зиёд намуд. Аз баракати Истиқлолияти давлатӣ, ки мардуми шарафманди Тоҷикистон имсол 24-умин солгарди онро таҷлил хоҳанд кард, аз ҷониби давлат ва Ҳукумати кишвар ба масъалаҳои такомули низоми демократия, дунявият, эҳёи фарҳангу тамаддуни куҳан, арзишҳои волои миллӣ ва хештаншиносӣ диққати ҷиддӣ зоҳир мегардад. Тамоми ин талошҳо, ки аз ҷавҳари таҳаммулгаро ва башардӯстонаи тоҷикистониён сарчашма гирифтаанд, ба мақсади сулҳу субот, пойдории давлат, амалӣ сохтани ормони ҳазорсолаи намояндагони барҷастаи миллат, таъмини озодиҳои инсон, беҳбудии сатҳи зиндагии иҷтимоии мардум ва таҳкими низоми давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ равона гардидааст.

ДАР муддати 24 соли Истиқлолияти давлатӣ, ки 10 соли аввали он пур аз мухолифатҳо буда, сарнавишти кишвар ва ояндаи он ҳал мегардид, қувваҳое буданд, ки мехостанд ҷомеаи моро аз Шоҳроҳи саодат дур сохта, дар байни мардум тухми адовату бадбиниро коранд ва бесарусомониҳоеро ба бор оранд. Ҳатто ҳақи маргу зистанро низ ба дасти худ гирифта буданд. Дар мушкилтарин рӯзҳо, ки тоҷикистониён ба ҷуз аз зистан дигар орзуе надоштанд, бо мақсади наҷоти миллат ва дур сохтани он аз таъсири таълимоту ақидаҳои шубҳаноку саршор аз хурофот, бегонапарастиву, худбегонагӣ роҳбарияти нави давлат чи қадар бо роҳи худгузариҳову талошҳои беназир роҳи миллатро ба сӯи таҳаммулу маърифат кушод ва онро аз вартаи ҳалокату ҷоҳилият наҷот бахшид.

Ақли солим пирӯз шуд, сохтори конститутсионӣ барқарор гардид ва кишвари мо аз гирдоби ҳалокат берун шуда, роҳи демократии давлатсозиро пешаи худ қарор дод, то тавассути ин низоми давлатдорӣ ормони ҳазорсолаи саромадони миллатро амалӣ созад. Бо дарки воқеияти сиёсати кишварҳои ҷаҳон Президенти мамлакатамон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори ташаккулёфта ва дорои диди ҷаҳонӣ ба мақсади худогоҳии миллат, **нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангии қадимаи тоҷикон, нишон додани фардияти ин миллат дар байни дигар қавмҳо, ҳифзи забони тоҷикӣ ва ҳувияти миллӣ зарур шумурд,** ба мисли кишварҳои аврупоӣ ба дар асоси таҷрибаи онҳо аз тариқи низоми давлатдории миллӣ дар роҳи демократикунонии ҷомеа қадамҳои устувор гузорад. Зеро системаи пешгирифтаи **кишварҳои Европа,** ки бо номи **Вестфал** машҳур гаштааст, системае мебошад, ки дар асоси усулҳои мушаххас миллатро муттаҳид сохта, ба ягонагӣ мебарад. Дар доираи ҳамин низом аврупоиён тавонистанд бо тадриҷ он масъалаҳоеро, ки дар нимаи аввали асри XVII дар Европа ба вуҷуд омада буданд, ҳал намоянд. Дар асоси принсипи мустақилият бунёди низоми нави сиёсиро гузошта, имконоти пешравии онро дар оянда ба вуҷуд оварданд.

Ҳадафи Президенти кишвар низ ба мисли роҳбарони давлатҳои аврупоӣ дар тарҳи давлатдории навин аз он иборат буд, ки саравввал ин миллатро ҳамчун миллати тому комил бо ҳам оварад, зеро ҳазору сад соли бедавлатӣ ва тахти таъсири арабу муғулу турку манғит қарор гирифтани сарзамини аҷдодӣ боиси он гашт, ки на танҳо қисмате аз Ватанро тарк гуфта, марказҳои фарҳангии онро барои садсолаҳо ба иҷоранишинон додем, балки равону тафаккури миллиро низ коста кардем. Шукр, ки аз баракати давлати Шӯравӣ қисмате аз сарзаминҳои бобоии худро соҳиб гаштем ва давлати навро асос гузоштем ва шукр аз даврони истиқлол, ки мо соҳиби давлати асли худ шуда, роҳбарии давлатро ба дасти давлатмардони худ додем. Имрӯз ин раванд аз якояки аҳли ҷомеаи Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ба хотири ризоият ва оромиши арвоҳи гузаштагон, онро бо ҳам муттаҳид сохта, аз тариқи эҳёи низоми давлатдории миллӣ ба роҳи пурхаму печи демократия қадам гузорем. Суботе, ки тоҷикистониён бо мушкилоти зиёд ва гузаштҳои ҷавонмардонаи ду ҷониби даргир ба даст оварданд, на нишони заифӣ, балки намунаи бесобиқаи сулҳ дар саросари ҷаҳон аст.

Имрӯз ҳар як фарди ҷомеаи мо мехоҳад давлати миллии худро дошта бошанд ва ҳамчун зинаи аввали гузариш ба демократия появу бунёд ва решаи давлатдорӣ дар кишвар мустаҳкам гардад. Шояд дар ин раванд баъзе "гурезҳо" ва инҳирофот аз демократия ба вуҷуд ояд, аммо таҷрибаи **сулҳи Вестфали Европа** бо сароҳат нишон медиҳад, ки аврупоиён барои он, ки ба демократияи воқеӣ расанд, бояд ин марҳиларо низ пушти сар мекарданд, зеро дар бисёр ҳолатҳо таҳаввулоти лозима барои ҷомеа на дар доираи низоми демократӣ, балки тавассути усулу методҳои авторитарӣ натиҷаи хуб ба бор меоваранд.

Қобил ба зикр аст, ки ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта дар байни кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна назарияи **"авторитаризм ба муқобили тоталитаризм"** хеле ривоҷ ёфт ва сиёсати Америка дар кишварҳо, ки бо номи давлатҳои "ҷаҳони севвум" машҳур гардида буданд, на барои дастгирии эъмори демократия, балки барои сохтори авторитарӣ равона гардида буд. Дар он замон котиби давлатии Америка Д. Патрик эълом карда буд, ки **"Америка режимҳои авторитариро дастгирӣ менамояд, зеро онҳо имконият доранд субот ва модернизатсияи муассирро таъмин намоянд".** Таърихи начандон дури ин кишварҳои бо ном "ҷаҳони севвум" нишон дод, ки имконоти низоми авторитарӣ барои субот ва пешрафт хеле муассир мебошад.

Танҳо кифоя ҳаст ба таҷрибаи чанд соли охири кишвари ба мо дӯст **Малайзия** рӯй оварад. Мо бо чи қадар пешравиҳои чашмгир рӯ ба рӯ хоҳем шуд. Ё ин ки таҷрибаи **Сингапур** ва ё **Кореяи Ҷанубӣ**.

Имрӯз баъзе "демократмаобҳои" кишвар бар он ақидаанд, ки ҷомеаи феълии тоҷикон дар кадом шакле набошад, бояд "аз хатти кашидаи демократияи ормонӣ" берун набарояд. Ба маънои дигар "қадам ба тарафи чап ва ё қадам ба тарафи рост гурез аст". Ин тарзи масъалагузорӣ барои ҷомеаи анъанавӣ ва суннатии тоҷик, ки дорои қонунҳои нонавиштаи худ мебошад аз ҷаҳонбинӣ ва андешаи авторитарӣ ва тоталитарии худи ин "демократмаобҳои либералӣ" дарак медиҳад. Агар дар маҷмӯъ гирем, демократия усул ва шакли тағйир додани ҷамъият буда, таҳаввулоти демократӣ дар кишварҳои дорои тафаккур ва ҷаҳонбинии анъанавӣ хеле мушкил мебошанд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ доир ба "демократияи ормонӣ" ва либералӣ сухан гуфтан хеле барвақт буда, хулосабароиҳои шитобзада дар ин самт аз бетаҷрибагии сиёсӣ дарак хоҳад дод.

Дар баробари касби истиқлолият ва тағйири низоми ҷамъиятӣ ҷомеаи тоҷик низ бо тадриҷ аз муҳтавои идеяҳои сиёсати иҷтимоӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон тағйир ёфт ва ин худ ба раванди табиии дигаргуншавии зуҳуроти нави рушду инкишофи Тоҷикистон вобаста мебошад.

Дар шароити феълӣ авзои геостратегии ҷаҳон "бозии беқоидаро" мемонад, ки дар он маълум нест ин ё он давлат ва ба хусус давлатҳои хурде ба мисли Тоҷикистон чи тавр бояд фаъолият кунанд. Ҳатто имконияти ба нақша гирифтани дурнамои фаъолияти сиёсӣ барои бисёр кишварҳо мушкил шудааст. Аз ин рӯ дар сиёсат ҳолате ба вуҷуд омадааст, ки гӯё он вуҷуд надорад. Ҷаҳон дигар гардида, низоми муносибатҳои қаблӣ кӯҳна шуданд. Ҳоло зарурати усулҳои нави сиёсии ҷаҳон ба миён омадааст. Ҳамин аст, ки ҷаҳони Шарқ низоми сиёсии ҷадиди ҷаҳони муосирро дар шакли императории динӣ пешниҳод сохта, Иттиҳоди Аврупо кӯшиш бар он дорад, ки дар бобарории "империяи нави" Америкой империяи худро ба вуҷуд орад. Русия бошад Авруосиё месозад. Лекин таърихи башарият дигар зуҳур ва мавҷудияти империяҳои навро намехоҳад ва ин шакли низоми давлатдориро бояд ба бойгонии таърих супурд. Вале, мутаассифона, ҷавоби якранг, ки низоми сиёсии ҷаҳони муосир чӣ гуна бояд бошад - нест? Аз ин рӯ саволе ба вуҷуд меояд, ки "Чӣ бояд кард"?

Ба даст овардани истиқлолият осонтар аз он аст, ки истиқлолият ҳифз ва нигаҳбонӣ шавад.



Дар ҷаҳон ягона давлате, ки дорои мустақилияти пурраи миллӣ буда, пойбанди эҷоди "империяи нав" мебошад, давлати Америка махсуб мегардад. Дигар кишварҳо дар роҳи ҷустуҷӯи мустақилияти пурраи миллии хеш қарор доранд. Содироти демократияи америкоӣ ба кишварҳои ҷаҳони саввум ва орзуҳои ғарбсозии кишварҳои Осиё ва Африка хеле мушкил аст. Дар ин раванди ҷаҳонсозӣ роҳи наҷоти миллати тоҷик ба мисли миллатҳои дигар ин аст, ки бояд марҳила ба марҳила ба мустақилияти пурраи миллии худ гузарад. Ин кори содда ва якрӯза нест, вале дигар ҷорае надорем.

Дар таърихи муосири кишварамон оғоз аз солҳои 2000-ум шинохти ягонагии давлату миллат, ҳамзистии мусолиматомези худшиносии миллӣ ва худшиносии сиёсӣ дар ҷомеа дастгирии умум пайдо кардааст. Дар ин раванди хеле пурхаму печи давлатсозӣ нуктаи муҳим он аст, ки ин ду омили муҳим дар атрофи манфиатҳои миллӣ бо ҳам муттаҳид гашта, ҷомеа ба зуҳури низоми давлати миллӣ бо назари нек нигарад.

Ба мақсади боз ҳам наздик сохтани ин ду падидаи калидии ҷомеаи муосири тоҷик лозим аст, ки аз тариқи сиёсати иҷтимоии ҳадафнок миллату давлатро ба марҳилаи нави созандагӣ роҳнамун созем. Зеро сиёсати иҷтимоӣ яке аз пахлуҳои муҳими сиёсати давлатӣ буда, рисолати таҳкими суботи ҷамъиятӣ, таъмини заминаи роҳандозии рушди босуботи ҷомеа, тавсиаи ҳамгароиву ҳамкориҳои судманди афроду умумиятҳои гуногунро бар дӯш дорад. Аз ин рӯ, пешбурди самараноки чунин сиёсати мӯътадили иҷтимоӣ дар сархати муҳтавои афзалиятҳои инкишофи ҳар давлат қарор мегирад ва вобаста ба интихоби усули манфиатбахшу оқилонаи татбиқи он робитаи ҳасанаи низоми сиёсӣ бо мардум ва мардум бо низоми сиёсӣ ба даст меояд. Дар робита ба ин низомҳои сиёсӣ барои муваффақ шудан ба ин ҳадафи олӣ ҷустуҷӯи усулҳои беҳтарини татбиқи сиёсати иҷтимоияшонро аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии фаъолияти хеш қарор медиҳанд.

Қобил ба тазаккур аст, ки дар баробари касби истиқлолият ва тағйири низоми ҷамъиятӣ ҷомеаи тоҷик низ бо тадриҷ аз муҳтавои идеяҳои сиёсати иҷтимоӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон тағйир ёфт ва ин худ ба раванди табиии дигаргуншавии зуҳуроти нави рушду инкишофи Тоҷикистон вобаста мебошад. Бо қабули Сарқонуни нав ва дар он хосатан зикр додани хусусияти иҷтимоии давлати навбунёд акнун зарурати коркарди амалию назариявии чигунагии сиёсатгузориҳоро марбут ба коҳиши нобаробариҳои иқтисодӣ, дастёбӣ ва омӯзиш, беҳдошти зиндагӣ, шуғл ва ғайра равшан кард.

# ЯТИ ВАТАН



Яъне, мебоист муайян гардад, ки дар сарҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати иҷтимоии мамлакат кадоме аз идеалҳои то кунун мавҷудаи усули сиёсатгузориҳои иҷтимоӣ - таъмини **баробарӣ, адолат, ҳуқуқу озодӣ, шарики иҷтимоӣ** қарор дошта метавонад. Интихоби яке аз ин идеяҳои ба сифати усули татбиқи сиёсати иҷтимоӣ барои Тоҷикистон, ки дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад, аз аҳамияти аввалиндараҷа бархурдор мебошад. Зеро бидуни интихоби **идеяи раҳнамунсоз** дар сиёсати иҷтимоии давлат муайян кардани дурнамои татбиқи барномаҳои хусусияти иҷтимоидошта душвор хоҳад буд. Дар роҳи интихоби як идеяи раҳнамунсозандаи сиёсати иҷтимоӣ мусаллам аст, ки Тоҷикистон акнун наметавонист дигар аз идеяҳои хоси низоми сотсиалистӣ пайравӣ кунад. Чунки дар асоси тақозои замон ва тағйирёбии шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ва зуҳури гуногуншаклии табиии кӯшишу ибтикори аҳли ҷомеа дар мавриди дастёбӣ ба захираҳои инкишоф барои татбиқи чунин сиёсати иҷтимоӣ ҳамоҳанг шуда наметавонист. Вале ин маънои онро надорад, ки аз мухтавои сиёсати иҷтимоии мамлакат ғояи таъмини баробарии иҷтимоиро сарфи назар кард. Акнун таъмини баробарӣ на ба маънои барқарории баробарсозии истифода аз хадамоти иҷтимоӣ, балки таъмини шароити аввалияи дастрасии аъзои ҷомеаро барои истифода аз ин хадамот мадди назар дорад.

Чунин тавзеҳи усулии таъмини баробарӣ дар сиёсати иҷтимоии мамлакатамон дар даврони истиқлолият фазои мусоиди ҳуқуқиро барои зуҳури ибтикору меҳнати созандаи аҳли ҷомеа ва пешгирии мудохилаи на ҳама вақт зарурии давлатро ба ҷараёни ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам хоҳад овард. Лозим ба ёдоварист, ки ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XX дар ҷомеашиносӣ таълимоти **"самара ва имконоти бо роҳи маъмурӣ таъмин кардани баробарии иҷтимоӣ"** зери шубҳа ва танқиди шадид қарор гирифта буд. Масалан, Роберт Нозик дар асари хеш таҳти унвони **"Басарусомонӣ, давлат ва мадинаи фозила"** (1983) пайравӣ аз ҳадафи дастёбӣ ба адолати тарҳрезишударо роҳе ба сӯи эъмори низоми девонсолорӣ арзёбӣ мекунад. Ин навъ адолат ба барқарории баробарии одамон бидуни таваҷҷуҳ ба дастгирии маҳорати касбию иҷтимоии онҳо замина мегузорад. Аз ин рӯ вай аз ҷониби давлат кӯшиши ғасби даромади мардумро барои татбиқи адолати тарҳрезишуда нишонаи беадолатӣ мешуморад. Вай боварӣ дошт, ки як давлати ахлоқгаро бояд дар зиндагии мардум ҳоло кам мудохила кунад. Дар ғайри он ин ба вайрон кардани ҳуқуқи мардум меанҷомад. Пас дар ин замина саволе ба вуҷуд меояд, ки чӣ тавр ҷомеа метавонад дар татбиқи сиёсати одилонаи иҷтимоӣ тасмим гирад? Посухи ин саволро ҷомеашиноси муосири амрикоӣ Ҷон Роулз дар шакли зерин пешниҳод сохтааст, ки мутобиқи он асоси ҳар як тасмимгирии иҷтимоӣ бояд барқарор кардани баробарӣ бошад ва то ҷое, ки мумкин аст ҳама чизи барои зиндагӣ лозим бояд ба таври баробар тақсим шавад. Ба ҷумлаи ин зарурятҳо қабл аз ҳама имкониятҳо барои таҳсил, шуғл ва монанди инҳо дохил мешаванд. Илова бар ин Ҷ. Роулз ҳаққу ҳуқуқҳои озодиро яке аз шартҳои адолати иҷтимоӣ медонад. Ба андешаи вай дар ин самт бо ҳама аъзои ҷомеа бояд ба таври баробар рафтор намуд. Он чизеро, ки аъзои ҷомеа фаротар аз меъёри зиндагии хуб барои худ раво медонанд, онро набояд аз давлат умедвор шаванд, балки онро тавассути заҳмати беохири шаборӯзии худ ба даст оранд. Сарфи назар аз он ки дар ин замина ҳамаи аъзои ҷомеа ба натиҷаҳои якхела муваффақ намешаванд, лекин онҳо инро на ҳама вақт ҳамчун нишонаи беадолатӣ арзёбӣ менамоянд. Лозим ба ёдоварист, ки чунин усули тасмимгирӣ дар татбиқи сиёсати иҷтимоии имрӯзаи аксари кишварҳои пешрафта васеъ истифода мегардад.

Чунин як таҳаввулоти усулии дарки идеяҳои сиёсати иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон пас аз ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба баъзе аз моддаҳои асноди меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба худ хусусияти таъинкунандаро касб хоҳад намуд. Ин тағйиру иловаҳо имрӯз бо сароҳат собит карданд, ки агар сиёсати иҷтимоӣ беш аз ҳад моил ба таъмини барқарории баробарӣ бошад он на танҳо асли озодии мардумро зери хатар ва таҳдид қарор медиҳад, балки ибтикори иҷтимоии онҳоро низ поин мебарад. Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон зикр сохт, ки вазифаи давлат аз татбиқи чунин сиёсати иҷтимоӣ қабл аз ҳама муҳайё сохтани зиндагии муносиб ва эҷоди заминаи ҳуқуқии дастрасии одамон ба шаклҳои гуногуни хадамоти иҷтимоӣ тавассути риояи адолати иҷтимоӣ мебошад. Дар чунин маврид меъёри асосии тасмимгирӣ аз ниёзҳои аъзои ҷомеа дар доираи дастгирии иҷтимоӣ дараҷаи ҳадди ақали зиндагии муносиб шинохта мешавад. Агар даромади моҳона аз таъмини ҳадди ақали зист камтар бошад, пас чунин гурӯҳи мардум бояд ҳамаҷониба таҳти сарпарастии хадамоти таъминоти иҷтимоӣ қарор гиранд, то ин ки эътирозу ноумедиҳояшон боиси халалдории сулҳу субот ва тартиботи ҷамъиятӣ нагардад. Яъне сиёсати иҷтимоии баробарсозӣ дар ин замина метавонад нисбатан хусусияти одилона касб намояд ва ҳадафи баробару якнаво сохтани дастрасии аъзои ҷомеа ба ҳар гуна хадамоти иҷтимоӣ надошта бошад. Зеро набудани меъёри тасмимгирӣ аз ниёзҳои аҳли ҷомеа ба дастгириҳои иҷтимоӣ на танҳо боиси масрафи ғайримақсадноки дороии давлат, инчунин риояи одилонаи иҷтимоиро низ зери суол мегузорад. Вале бояд таъкид кард, ки алҳол қабули чунин як санади муҳим оид ба муайян кардани ҳадди ақали зист бо инобати болоравии сатҳи таваррум хеле зарур ва ногузир мебошад.

Агар аз ин мавқеи назариявӣ ба хусусиёти татбиқи амалии сиёсати иҷтимоии мамлакатамон назар андозем, бо сароҳат хоҳем дид, ки воқеан ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати на чандон тӯлонии мавҷудияташ тавонист на танҳо дар заминаи бардошти тағйири усулии мухтавои идеяҳои сиёсати иҷтимоии худ, инчунин дар саҳнаи коҳиши нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодии мардум ба баъзе муваффақиятҳо дастёб гардад. Ин масъала қабл аз ҳама дар ҷаҳду талошҳои ҳукумати кишвар дар роҳи таъмину мусоидат ба ҳалли масъалаҳои

рушду инкишоф ва суботи минбаъдаи ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат зоҳир мегардад. Дар қадами аввал роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон тавонист дар масъалаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои табақаҳои мухталифи ҷомеа, муаррифии онҳо дар фазои сиёсию ҳуқуқӣ ва бо манфиатҳои умумимиллӣ наздик сохтани онҳо саҳми назаррас дошта бошад. Ин дар навбати худ ба тадриҷ заминаи мусоиди таъмини тақсими одилонаи захираҳои инкишофро фароҳам оварда истодааст. Ибтикори роҳандозии чунин амалия аз он шаҳодат медиҳад, ки пайравӣ аз усули боздорӣ ва муқовимати байниҳамдигарӣ метавонад дар татбиқи сиёсати иҷтимоии кишвар самараи хуб ва созандаро ба бор орад. Ин воқеан ҳам яке аз хусусиятҳои барҷастаи давлати миллӣ мебошад, ки дар доираи арзишҳои демократӣ сурат гирифта истодааст ва ҷомеаи Тоҷикистон дар ҷодаи эъмори он сайъу талош дорад. Ба андешаи мо амалияи

**Имрӯз зарурияти он расида, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи Европаи Ғарбӣ ва кишварҳое ба мисли Малайзия, Сингапур ва ғайра модели нави сиёсати иҷтимоиро тарҳрезӣ кунад. Боварӣ ҳаст, ки ин иқдом на танҳо боиси пешрафт ва рушду нумӯи Тоҷикистон хоҳад гашт, балки сулҳу субот дар кишвар хусусияти доимӣ касб карда, дастовардҳои Истиқлолияти Ватан ҳифз хоҳанд шуд.**

мазкурро минбаъд метавонанд ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки расолаташон марбут ба ҳимоя ва намояндагӣ аз манфиатҳои қишрҳои мухталифи ҷомеа мебошад, пайгирӣ намоянд. Зеро ин имконият медиҳад дар фазои ҳуқуқӣ зуҳури ақсуламали созанда ба салиқаи ниҳодҳои иҷтимоӣ дар иртибот ба падидаҳои ҷамъиятӣ густариш ёфта, барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани ҷустуҷӯи воситаҳои самараноки ҳалли масъалаҳо замина фароҳам оварад.

Дар кишварҳои пешрафтаи демократии ҷаҳон ҳамоҳангии байни манфиатҳо ва фаъолияти табақаҳои иҷтимоӣ дар заминаи таъмини дастрасии баробари онҳо ба захираҳои инкишоф, инчунин баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо қабл аз ҳама дар заминаи таҳия ва қабули қонунҳо сурат мегирад. Барои чунин тартиби ташкили сохтори нави ҳокимияти давлатӣ, ки дар он Маҷлиси намояндагони кишвар масъулияти таҳияи қонунҳо ва ҳокимияти иҷроия масъулияти татбиқи самараноки онҳоро ба зимма доранд, мусоидат менамояд. Ин тарзи фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар навбати худ имконияти пуштибонӣ аз ҳадафҳои маҳдуди гурӯҳҳо ва рӯёрӯии сиёсии воҳидҳои маъмуриро дар мавриди қабулу татбиқи қонунҳо коҳиш медиҳад.

Бидуни шакку тардид дар шароити имрӯзаи инкишофи

ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ яке аз омилҳои муҳими суботи ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад ва бояд ниҳодҳои давлатӣ дар ин самт пайваста фаъолияти собитқадамона дошта бошанд. Дар ин самт тӯли солҳои охир ба қабули як қатор санадҳои ҳуқуқие, ки бевосита ба беҳтарсозии **ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ, истеҳсоли арзишҳои моддию маънавӣ, хизматрасонӣ, такмили муносибатҳои бозорӣ, ҳифзи меҳнат, шуғли аҳолӣ,** илму маориф ва қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ ва қабул намуд. Бо назардошти мушкилоти мавҷуда барои коҳиши ҷараёни дуқутбӣ шудани сохтори иҷтимоии ҷомеа ба дороён ва камбизоатҳо, афзоиши фосилаи сатҳи зиндагии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ҳокимияти сиёсии мамлакатро зарур аст мусоидат ба рушди соҳибкорӣ, то ҳадди ақал кам кардани мудохилаи мақомоти расмиро ба фаъолияти соҳибкории афрод, дастгирии табақаҳои нисбатан камтар ҳимояшавандаро дар мадди аввал гузорад.

Ҷанбаи дигари муҳими сиёсати иҷтимоии давлат дар марҳилаи имрӯзаи ҷомеа афзоиши таъсири манфии бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба андешидани тадбирҳои мушаххас дар самти коҳиш додани шиддати масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон мебошад. Дар робита бо ин диди нав лозим аст, зеро муҳоҷирати меҳнатӣ ба хусус дар панҷ соли охир мазмун ва моҳияти хосаро касб намудааст. Дар дурнамои стратегӣ барои Тоҷикистон зарур аст, ки роҳи манфиатовари ин мушкилотро пайдо намояд.

Масъалаҳое, ки дар боло зикр шуданд, бояд бо тадриҷ амалӣ гарданд, зеро модели пешбурди сиёсати иҷтимоии муносибро мо танҳо дар сурате ба даст оварда метавонем, ки мутобиқ ба воқеияти имрӯзаи равандҳои геополитикӣ ва вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварамон шарҳу тафсир дода, мӯхтавои идеяҳои раҳнамунсозандаи коҳиши нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва эҷоди заминаҳои дастрасии одилонаи қишрҳои мухталифи мардум ба захираҳои инкишофро дар мағзи мардум ҷой диҳем.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки барои эъмори ҷомеаи воқеан демократӣ ногузир аст сараввал пояҳои давлати миллиро мустаҳкам сохта, ба воситаи идеяи сиёсати одилонаи иҷтимоӣ қишрҳои мухталифи ҷомеаро бо ҳам муттаҳид созем. Ин раванд аз Ҳукумати кишвар тақозо менамояд бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи Европаи Ғарбӣ ва кишварҳое ба мисли Малайзия, Сингапур ва ғайра модели нави сиёсати иҷтимоиро тарҳрезӣ кунад. Боварӣ ҳаст, ки ин иқдом на танҳо боиси пешрафт ва рушду нумӯи Тоҷикистон хоҳад гашт, балки сулҳу субот дар кишвар хусусияти доимӣ касб карда, дастовардҳои Истиқлолияти Ватан ҳифз хоҳанд шуд. Ба даст овардани истиқлолият осонтар аз он аст, ки истиқлолият ҳифз ва нигаҳбонӣ шавад.

**Абдувоҳид ШАМОЛОВ**

**Дар Тоҷикистон як деҳқон барои 4 нафар дар Исроил барои 95 нафар маводи истеҳсол мекунад.**



**Соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир ба ҳисоби миёна 20-23 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд.**

# Мушкилоти рушди соҳаи кишоварзӣ дар кишвар

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Тоҷикистон ба соҳаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, доир ба ҷараёни татбиқи барномаҳои қабулгардидаи соҳавӣ, аз ҷумла Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2012-2020, барои бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Дар соҳа барномаҳои баркарорсозӣ ва рушди соҳаҳои занбӯрпарварӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ, зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво, қутоспарварӣ, аспарварӣ, беҳтар намудани ҳолат ва самаранок истифода бурдани чарогоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, дар давоми соли 2008-2014, шумораи комплекси чорводорӣ - 35 адад, хоҷагиҳои моҳипарварӣ 200 адад ва корхонаҳои паррандапарварӣ ба 74 адад расонида шудааст.

Соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 21022 млн. сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиш 4,5 фоизро ташкил дод, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 23,5 фоизро ташкил намуда, саҳми соҳаи кишоварзиро дар рушди иқтисодиёти миллӣ назаррас намуд. Вале бо вуҷуди ин то ҳол воридоти маводи ғизоӣ дар афзоиш аст ва суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз суръати афзоиши воридоти маводи ғизоӣ поинтар мебошад.

Яке аз муҳимтарин омилҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, ин мавҷуд будан ва омодагии техника мебошад. Дар соли 2014 ба хоҷагиҳои ҷумҳурӣ 2311 адад техникаҳои кишоварзӣ, аз он 883 адад трактор ворид карда шудааст, ки нисбат ба соли 2013 шумораи тракторҳо 107 адад зиёд буда, бо истифода аз ҳама имкониятҳо бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва ҷалб намудани сармоя, лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва соҳибкорони ватанӣ ворид намудани техникаву таҷҳизоти он дар солҳои минбаъда низ пешбинӣ карда мешавад. Инчунин, дар миқёси ҷумҳурӣ 59 адад Марказҳои хизматрасонии техникӣ "Маркази хизматрасонии сервиси техникаҳои кишоварзӣ" ташкил ва ба истифода дода шудааст.

**Бо вуҷуди он, ки теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 160 ҳазорро ташкил диҳад ҳам, бинобар сабаби андозаи хурд доштанашон, фаъолияташон камсамар аст ва ба коҳиши ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ ва кам шудани сифати маҳсулоти ниҳоӣ оварда расонидааст.**

Маълум аст, ки мавҷудияти маҳсулот дар бозори дохилии ҷумҳурӣ вазъи иқтисодиву суботи иҷтимоии ҷамъият ва дар ниҳоят амнияти озуқавориро дар якҷоягӣ муайян месозад ва он аз ҳар ҷиҳат рушди самаранок ва устувори хоҷагии деҳотро таъмин мекунад.

Барои пешрафти соҳаҳои кишоварзӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани амнияти озуқавории мамлакат барномаҳои қабулшуда аз қабили чорабиниҳои зидди эпизоотӣ ва хариди доруворӣ, хариди тухмии зироатҳои кишоварзӣ ва картошка, рушди биотехнологияи чорво, занбӯрпарварӣ, моҳипарварӣ, қутоспарварӣ, аспарварӣ, зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво, рушди минтақаҳои чарогоҳ, беҳтар намудани ҳолат ва самаранокии истифодабарии онҳо, барномаи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони соҳаи кишоварзӣ хариди заҳрхимикатҳо ва маводҳои зарурӣ ва ба ин монанд чорабиниҳо мусоидат намуд.

Чи тавре ки тадқиқот гувоҳӣ медиҳад, дар ҷумҳурӣ як деҳқон ҳамагӣ барои 3-4 нафар маводи ғизоӣ истеҳсол мекунад. Дар Русия бошад як деҳқон 15 нафарро, ИМА - 79 ва Исроил - 95 нафарро бо маводи ғизоии истеҳсоли худӣ таъмин менамоянд. Аҳолӣ, аз болоравии нархи ғизо низ душворӣ мекашад, ки ба маҳдудияти имконияти иқтисодии он бурда истодааст.

Сабабҳои асосӣ, ин набудани зерсохтори лозимӣ, нақлиёт, ҳолати бади роҳҳо, набудани таҷрибаи маркетингӣ, истифода ва идоракунии ғайриоқилонаи манбаъҳои табиӣ, номукаммал будани муносибатҳо дар масъалаи истифода ва тақсимоти замин, вазъи ногувори обёрии замин, назорати суст дар риояи технологияи истеҳсоли маҳсулот боиси он шуд, ки соҳа ба таври самарабахш фаъолият намекунад ва ҷойҳои нави кора ба вуҷуд намеоварад.

Нокифоя будани василаҳои истеҳсолот нуриҳои минералӣ, тухмӣ, заҳрхимикатҳо, бордоркунии сунъӣ, хизматрасонии байторӣ, хӯрок барои чорво, алалхусус хӯроки сафедадор, мошинҳо ва механизмҳои кишоварзӣ, набудани бозор барои маҳсулоти чорводорӣ инкишофи нокифояи саноати коркарди гӯшту шир, ҳамчунин қафомондагии механизатсия, автоматикунонӣ ва технологияи муосир, ҳамлу нақли тӯлонӣ ва харочоти зиёд барои он, фоизи зиёди кредитҳо (24% ва бештар аз он), хизматрасонии нокифоя дар самти боло бурдани дониши кишоварзӣ ва расонидани кӯмаки машваратӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, истифодаи ғайрисамарабахши чарогоҳҳо аз дигар мушкилоти соҳа мебошанд.

Ғайр аз ин, дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсолоти майдамолӣ бартарӣ дорад. Бо вуҷуди он, ки теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 160 ҳазорро ташкил диҳад ҳам, бинобар сабаби андозаи хурд доштанашон фаъолияташон камсамар аст ва ба коҳиши ҳосилнокии меҳнат дар кишоварзӣ ва кам шудани сифати маҳсулоти ниҳоӣ оварда расонидааст. Ин ба шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ҷавобгӯӣ нест. Муассисаҳои хурди кишоварзӣ қобилияти ворид намудани техника ва технологияи муосир, ҷорӣ кардани инноватсия барои пешбурди истеҳсолоти пешқадам ва истеҳсоли маводи ғизоии барои саломатии аҳолӣ фоиданокро надоранд. Проблемаи кишоварзӣ, сатҳи нокифояи рушди муносибатҳои кооперативӣ дар кишоварзӣ марбут ба саноати коркард ва савдо мебошад. Мавҷудияти ҳаргуна сохторҳои миёнарав ба баланд шудани нархи ашёи хоми кишоварзӣ ва маҳсулоти ниҳоӣ оварда мерасонад.

Барои ин, ба мақсади ҳифзи бозори дохилии маҳсулоти кишоварзӣ бояд нақши низоми харидории давлатии маҳсулот тақвият ёбад. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми хариди давлатии маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва манбаъҳои молиявии равонашуда ба ин мақсад, бояд имконияти буҷети тамоми сатҳҳо, нархҳои миёнаи ҷаҳонии маҳсулоти асосии ғизоӣ, ашёи хоми кишоварзӣ ва афзалиятнокии маҳсулот барои кишвар дар назар гирифта шавад.

Проблемаи дигар, ин зиёд будани шумораи бекорон дар деҳот аст, ки сабаби муҳоҷирати онҳо гардидааст. Масалан, қариб 78%-и муҳоҷирон ба деҳот рост меояд, ки 49%-и онҳо соҳиби саҳми замин мебошанд.

Барои он, ки муҳоҷирон ба деҳот баргарданд, бояд барои фаъолияти самараноки онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Барои ҳалли проблемаҳои амнияти озуқаворӣ дар марҳилаҳои гуногун иҷро намудани чорабиниҳои зерин зарур аст:

**Барномаи кӯтоҳмуҳлат:**

-таъмин намудани ҳар як фермер бо сертификати истифодаи замин ва баҳогузории он; таъмини аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо муайян намудани саҳми замин тибқи қонунҳои амалкунанда; вусъат додани дастрасии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ бо қарзҳои хурд, бо фоизи паст ва ташкили фондҳои гардиши аз нигоҳи ҷамъиятӣ идорашаванда; баланд бардоштани имкониятҳои дастрасӣ ба манбаъҳои асосии хоҷагии халқ, аз ҷумла ба нуриҳои минералӣ, тухмии сифатнок, воситаи нақлиёт ва амбор барои хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ; тақвият додани иқтидори хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ тавассути баргузории тренингҳое, ки дониши техникӣ ва соҳибкории онҳоро баланд мебардорад;

**Барномаи миёнамуҳлат:**

-рушди корхонаҳои хурду миёнаи нигоҳдорӣ (амборҳои махсус) ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва чораҳои дигари кам кардани зарарҳои табиӣ; тақвият додани фаъолияти муассисаҳое, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои фермерҳоро дастгирӣ мекунанд; тадриҷан гузаштан ба обёрии заминҳои начандон баланд, вусъат додани истифодаи заминҳои лалмӣ барои шинонидани дарахтони мевадиҳанда ва дигар зироатҳо.

**Барномаи дарозмӯҳлат:**

-ба итмом расонидани раванди хусусигардонии хоҷагиҳо;

-бартараф намудани камбизоатӣ, махсусан дар байни гурӯҳҳои аҳолие, ки ба таъсири тағйирёбии иқлим бештар осебпазиранд;

- кам намудани назорати давлатӣ нисбати механизмҳои истеҳсолот ва бозор.

Дар мавриди амалӣ шудани чунин талабот рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ имконпазир мешавад.

**Даринг РАҲМОН,**
*сардори раёсати Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ*

**Фурӯғ АФСАҲЗОД,**
*мутахассиси раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди соҳавӣ*

***Ҳисси бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар мавриди сару либос ва рафтору гуфтор дар байни занону духтарон метавонад ба устувории рукнҳои фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ расонад.***

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Халқи тоҷик қадимтарин халқи Осиёи Марказӣ аст. Ин миллат нахустин фарҳанги шаҳрдориву муошират ва либоспӯширо ба роҳ мондааст. Сару либоси тоҷикӣ беҳтарин пӯшок ба шумор меравад, ки халқҳои дигар пазируфтаанд. Матои абрешими атласро аввалин бор ниёгони тоҷик пас аз хонаводаи подшоҳони Чин либос карда пӯшидаанд. Ҳоло ҳам матои абрешимро тоҷикон "шоҳӣ" мегӯянд, яъне либосе, ки танҳо шоҳон мепӯшанд.**

# ТАҚЛИДИ БЕҲУДА



**ТОҶИКОН** хешро аз хонаводаи тоҷдорон меҳисобидан ду аз ин матои мумтози олисифат либос дӯхтанро дӯст медоштанд. Дар бораи воқеае, ки дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ айнан рух додаст, нақл мекунанд. Ҳар замон дар шаҳри Москва ва шаҳрҳои дигари Русия намоиши ҳунару сару либоси ҷумҳуриҳои дигари тобеъ ташкил мешуд. Дар як намоишгоҳи навбатӣ аз Москва фармон омадааст, ки ҳунармандони тоҷик либоси «атласро ба бар накунанд». Ин либоси миллии онҳо нест. Ҳама ҳайрон шуданд.

Атлас ва шоҳӣ калимаи тоҷикӣ мешудааст либоси аз он дӯхташуда чаро тоҷикӣ набудааст? Аммо аз боло намояндагони тоҷикро касе гӯш кардан намехост. Маълум, солҳои сол ба тоҷикон фишор меоварданд, ба ҳар восита ин халқи тамаддунофарро инкор кардан мехостанд, зеро тоҷикон дар озмунҳои байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҷойҳои фахриро ишғол карда, дигаронро бо ҳунари волои худ тасхир мекарданд. Душманони бахил ба тоҷиконро бо либоси атлас ба озмун роҳ надода, намояндагонашро мулзам карданӣ буданд. Аммо тирашон хок хӯрд. Дар муддати кӯтоҳ дастони боҳунари тарроҳони тоҷик куртаи чаканро омода сохтанд ва тоҷик ба сару либоси урфии хеш боз ғолиби озмун гашт ва ин либос байни халқҳои дигар тақлидкорони хешро пайдо кард.

Имрӯз маҳз тоҷикон дар марзи Осиёи Миёна ягона миллат ҳастанд, ки либоси урфии хешро маҳфуз дошта, ба эҳтироми эътибори халқҳои ҷаҳон сазовор гаштаанд. Зане, ки ба кишварҳои Урдуну Фаластину Туркия сафар карда буд, боре нақл кард:

-Мардуми он кишварҳо ба либоси урфии мо: куртаву поҷома ва рӯйсарии мо таваҷҷуҳи хоса карда, мепурсиданд, ки мардуми кадом кишварем? Ба сару либоси мо баҳои баланд медоданду мегуфтанд, ки либоси зебои занона маҳз ҳамин аст. Офарин ба шумо, ки сару либоси анъанавии худро ҳифз кардед!

Мувофиқи сарчашмаҳои илмии этнографӣ халқи мо аз қадим либосҳои зебои занона дошт ва ҳеҷ гоҳ сиёҳпӯш набуд.

Ман ба баъзе занҳои сиёҳпӯш нигариста, дар шигифт мемонам, ки чӣ тавр дилашон мешавад, ки либоси тираро ба бар кунанд? Сиёҳӣ барои мо торикӣ, бадбахтист. Модари арӯс барои он духтари навварӯсашро ба мошини орододашуда нашинонд, ки он ранги сиёҳ дошт. Аз китобҳои таърих медонем, ки шӯришгарони тоҷик бар зидди истилогарони араб, ки сар то по сиёҳпӯш буданд, баромада, баръакси онҳо сафедпӯш шуданд ва худро "Сафедҷомагон" номиданд. Ҷоҳилон нисбат ба зан дар дил нафрат доранд. Онҳо дар замони ҷоҳилият духтаронро дар тифлияш зинда ба зинда гӯронда, барои батамом нест шудани насли инсоният хавфи бузург пеш меоварданд. Имрӯз занҳои худро сиёҳ пӯшонда, онҳоро дар торикӣ нигоҳ доштан мехоҳанд.

Зани тоҷик қабои рангоранг мепӯшад, бархе бештар ранги зарду сурхро мепарастанд. Дар ин бора Гургонӣ мегӯяд:

***Хӯришҳо поку***
***ҷонафзову нӯшин,***
***Чу пӯшишҳои нагзу***
***хубу рангин.***

Ҳаким Фирдавсӣ низ сару либоси урфии тоҷикро боло мегузорад:

***Яке зард пироҳани***
***мушкбӯй,***
***Бипӯшиду гулноргун***
***кард рӯй.***

Бо либоси сиёҳи бегонагон худнамоӣ кардан аҳмақиву нодонист. Ин тарзи либоспӯшӣ фарҳанги пасти он тақлидкорро ифода мекунад.

***Бараҳна чу зояд***
***зи модар касе,***
***Набояд, ки нозад***
***ба пӯшиш басе.***
**(Фирдавсӣ)**

Бале, тоҷикон ҳатто дар мотам кисвати якранги сиёҳ ба бар намекарданд. Либоси мотамии онҳо аксаран ранги нилӣ дошт.

***Қадди бунафша чун сари***
***зулфи бутон***
***шикаста шуд,***
***Сарви пиёда ҷома***
***дар нил зи ранҷи***
***он гирифт.***

**"Ҷома дар нил гирифтан"**, яъне либоси мотамӣ гирифтан аст мегӯяд Бадри Чочӣ.

**"Одаму либос, хонаву палос"**- гуфтаанд. Либоси қиматбаҳо пӯшида, худнамоӣ кардан аз бефарҳангӣ дарак медиҳад. Одамро пеш ва беш аз ҳама либоси одамӣ бояд бошад. Ҳар халқро бо пероҳани миллияш мешиносанд. Дар замони пеш занҳои шаҳрии тоҷик баъзан чашмбанду фаранҷӣ ба бар мекарданд, барои зани деҳотии тоҷик ҳатто чашмбанду фаранҷӣ бегона буд. Занҳои Фаранг ба пеши рӯяшон тӯрҳои сиёҳ (вуаль) мегирифтанд, ин гуна худнамоӣ мӯд шуда буд ва батадриҷ он аз байн рафт, вале дигарон ба он тақлиди кӯр-кӯрона карданд ва фаранҷӣ аз ҳамон давр мерос монд. Имрӯз бошад, тақлидкорон сиёҳпӯширо тарғиб мекунанд. Астағфируллоҳ, дар зери либоси сиёҳ нияти нопок низ ниҳон аст. Дил пок бошад, бе либоси сиёҳ низ аз инояти Худованд баҳраманд шудан мумкин аст. Либоси аслии муъмин имон аст, на матои сиёҳ. Фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлавии Балхӣ ба тақлидкор гаштаву баргашта лаънат хондааст:

***Мар-маро тақлидашон***
***бар бод дод,***
***Эй дусад лаънат***
***бар ин тақлид бод!***

Тақлидкори либос на фақат симои миллии худро аз даст медиҳад, балки хислатҳои хуби инсонӣ низ ӯро тарк мекунанд.

Дугонаҳои иззатманд, бонувони муҳтарам ва духтарони азиз, биёед, аз рӯймолу куртаву лозимиву дигар либоси миллии рӯй нагардонем. Зани тоҷик маҳз бо ҳамин сару либос нозанину боиффат аст.

**Заррина ҒАФУРОВА,**
*омӯзгори МТМУ №17 - и ноҳияи Ҳисор*

Минбари халқ
26 августи соли 2015,
№35 (1014)



**Оши палав дар бисёре аз осори таърихию адабӣ ҳам тасвир шудааст, ки яке аз нишонаҳои аз қадим ва дар гузашта ҳам шуҳрат доштани ин ғизо аст.**

# ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ НИЗ ИН ҒИЗОРО ДӮСТ МЕДОШТ

Дар достони машҳури "Алибобо ва чил роҳзан" омадааст:

"Ба машоми Алибобо бӯи хуши хӯрданиҳо расид ва ба ёдаш зад, ки аз саҳар чизе нахӯрдааст. Ӯ ба яке аз мизҳо наздик шуд ва ба зарфҳои болои миз ҳарисона назар кард, оби даҳанаш рафт: дар зарфҳо ҳар навъ ғизое, ки дил мехост, мавҷуд буд, мурғи бирён, оши палав, кулчақандҳои мураббоӣ, ҳалво, себ ва бисёр хӯрданиҳои дигари бомаза. Алибобо мурғеро чанг зад ва дар як дам додашро дод. Баъд ба палав часпида, аз он ҳам шикамсерӣ хӯрд. Аз ҳалво порае шикаста хост ба даҳон барад, вале натавонист, шикамаш сер шуда ва дигар иштиҳо надошт."

Гавриил Романович Державин аз шахсиятҳои сиёсӣ ва адабии асри 18 Русия аст. Вай шеъре дорад бо номи "Фелитса", бо тасвирҳое аз зиёфатҳои императорӣ.

Ӯ дар ҷое аз ин шеър аз иштироки худ дар базмҳои шоҳӣ қисса мекунад ва менависад, ки чӣ тавр дар зарфҳои нуқра ва тилло ҳазорҳо хӯрданӣ мегузоранд… ва палаву пирог ҳам рӯи ин суфра ҷойгоҳи худро доранд.

Державин аз ҷумлаи маорифпарварони рус буд, ки солҳои 1743 - 1816 зистааст. Ходими давлатӣ ва узви Маҷлиси ин кишвар буд.

Вай сарнавишти ҷолибе дорад. Дар деҳаи Карамҷии губернияи Қазон дар хонаводаи як ҳокими маҳаллии миёнаҳол таваллуд шуда, пас аз таҳсил дар гимназияи Қазон чанд муддат ба ҳайси афсар дар хидмати ҳарбӣ будааст.

Дар саркӯб кардани шӯриши зиддишоҳии Пугачев иштирок карда ва ҳамчунин барои ба сари қудрат омадани малика Екатеринаи II саҳм доштааст.

Дар соли 1782 "Ҳамосаи Фелитса"- ро навишта ба маликаи рус Екатеринаи II бахшид ва пас аз он ҳокими губернияи Тамбов таъин гардид.

Вай аз шахсиятҳои бонуфуз дар миёни мақомоти вақти Русия буд ва дар маросиму нишастҳои расмие, ки малика баргузор мекард, ширкат дошт, Достони "Фелитса" як асари фалсафии шоир аст, ки дар байни ашъори лирикии ӯ ҷойгоҳи хос дорад.

Бо истинод ба ин навиштаи шоир метавон бо итминон гуфт, ки оши палав дар Русия дар ҳамон солҳо аз ғизоҳои эътирофшуда буда ва дар дастурхони шоҳонаи дарбори императорӣ ҳам ҷойгоҳи хоси худро доштааст.

Дар китобҳои пухтупази асри 18 Русия ҳарчанд тарзи пухтани палав нишон дода нашудааст, аммо дар луғати Владимир Иванович Дал (Толковый словарь живого великорусского языка, соли нашр 1880), ки аз асарҳои навиштаашуда дар асри 19 аст, дар бораи ин ғизо маълумоти мухтасаре оварда шудааст.

Владимир Висотский, шоир ва ҳунарманди рус низ дар таронае ("Зиндагӣ мегузарад") аз он ки палав мехӯрдааст, ёдовар шуда ба лаззату бӯи хоси он таъкид мекунад.

Дар осори таърихӣ асосан он чизҳои тасвир мешаванд, ки дар зиндагии рӯзмарраи мардум ва маҳофили сиёсӣ маъмул буд.

Граф Монте- Кристо қаҳрамони романи Александр Дюма (1845-1846) ҳам аз шахсиятҳои таърихӣ буда ва нависанда зимни тасвири қаҳрамонаш аз ошно будани ӯ бо тарзи пухтани палав ёдовар шудааст.

Монте- Кристо аслан Эдмон Дантес - як шахсияти воқеӣ буд. Нависанда ҳаммонанди қаҳрамони худро аз санадҳои бойгонии пулиси шаҳри Париж пайдо кард ва дар саҳифаҳои романи худ тасвираш намуд.

…Устои мӯзадӯз Франсуа Пию қурбони як шӯхии сахт шуда ба зиндон маҳкум гардид ва дар маҳбаси Фенестрел давраи маҳкумияти худро гузаронд. Дар маҳбас ӯ бо зиндонии дигар, ки як марди сарватманди итолиёӣ буд, ошно шуд… Ин қисса дароз аст, аммо чизи барои мо муҳим ин аст, ки ин қаҳрамони асари машҳур ба тарзи пухтани палав зимни яке аз сафарҳояш ба Костантинопол ошной пайдо карда будааст.

Аммо ин нахустин ошноии мардуми Европа бо палав набуд, балки тахмин меравад, ки шиносоии аврупоиҳо ҳанӯз аз аввали асри 15 аз замоне, ки сафир ва сайёҳи Испания Клавихо Руй Гонзалес дар солҳои 1400-03 аз Осиёи Марказӣ бозид карда, хотироти худро дар мавриди ин сарзамин навишт, ба вуқӯъ омада буд.

Ин дипломати испанӣ дар сафарномааш аз ҷумла, дар мавриди анвои ғизоҳои дар ин сарзамин дидаю тановул кардааш маълумот дода тарзи пухтани оши палавро мутобиқ ба иттилооте, ки ҷамъоварӣ карда буд баён намудааст.

Ҳоло дар Испания ғизое бо номи "паэле" ( монандии навишту ҳамоҳанги талаффузи онро бо палав пай мебаред?) мавҷуд аст, ки бо ҳамон масолеҳи оши палав тайёр карда мешавад.

Дар китобҳои устод Садриддин Айнӣ ҳам тасвири палав васеъ ҷой дошта, як василаи бозтоби авзои замона ва холати қаҳрамононаш аст.

Дар китобҳои таърихӣ палав дар бештари ҳолат барғалат " ӯзбекию озарбойҷонӣ" ва гоҳе ғизои "тоторӣ" маънидод шудааст, ки сабаби ин шояд ноогоҳии муаллифон бошад.

Дар бархе аз сарчашмаҳо онро танҳо ғизои шарқӣ ном гузоштаанд, ки аз биринҷ, сабзӣ, пиёз, гӯшти гӯсфанд ва мавизи қишмиш пухта мешавад.

Дар осори Брокгауз ва Ефрон ду муҳаққиқи анвои ғизоҳо палав ба унвони таъоми мардумони Қафқоз маънидод ва таъкид шудааст, ки палавро метавон аз дигар навъҳои донагӣ низ тайёр кард. Дар феҳрасти ғизоҳои машҳуре, ки барои сарбозони Артиши Шӯравӣ ва нерӯҳои ҳарбии баҳрии он маъмулан таҳия мешуд, чунин тарзи пухти палав мавҷуд буд: гӯшти резашудаи бирён, пастаи помидор ва ҷав (перловка), ки дар оби ҷӯш пухта мешавад. Ин ғизо ба номи палав ба сарбозон пешниҳод мегардид.Албатта ин як навъи сода, вале дар айни ҳол пуркалория буд.Гоҳе ба ҷои ҷав, биринҷ ва макарони вермишел ё марҷумак (гречка) низ истифода мешуд.

Маълум аст, ки пойгоҳи асли паҳншавии таҳия ва пухтупази палав аз Шарқ, хусусан, Осиёи Марказӣ будааст ва калимаи "палав" бо он чи ки ба он рабт мегирад, - ошпаз, зирбак... ба миллатҳои ҳамхуну ҳамзабони тоҷикҳо вобастагӣ доштааст.

Ривоятҳо дар мавриди ихтирои Искандари Мақдунӣ будани он низ бепоя аст. Чунки худи ӯ дар вақти ҳамла ба ин минтақа оши палавро бори аввал дар сарзамини Бохтар, дар Форсу Самарқанд дидаю хӯрдааст. Бешубҳа, ӯро ба унвони як ғосиби ғолиб дар ин сарзаминҳо обу зиёфат ҳам додаанд ва рӯи дастархони барояш бозшуда оши палав ҷойгоҳти хосро доштааст.

Шояд Искандар пас аз чашидану дидани ин ғизои хушхӯр ва ҳамзамон қувватбахш тасмими пухтани онро барои ҷангиёнашро гирифт ва онро дар марҳалаҳои баъдӣ дар вояи хӯрок (ратсиони армия)-и худ қарор дода ва аз ин сарзамин ба кишварҳои дигар бурд.

Палав дар Ҳинд, Эрон, Покистон ва Озарбойҷон ҳам тарзи пухти анъанавии худро дорад,

Ҳамон гуна, ки дар филмҳои ҳиндӣ мебинем, гоҳе ба дастархони зиёфати ҳиндиҳо биринҷи пухта ва бо зардчӯба орододашударо мегузоранд. Ин тарзи пухт дар кишварҳои дигар низ роиҷ аст. Калонсолон ёд доранд, ки бибию бибикалонҳои мо ҳам дар халтаи анвои хушхӯркунандаи ғизоҳо дар кӯлборе ва дар гӯшае аз ошхона зардчӯбаю сабзак доштанд.

Палав дар таърихи худ тағйирот ва навовариҳои зиёдеро дида ва хеле такмил шудааст. Аммо як чиз ба назари мо, дар тарзи пухти он пойдор ва бетағйир мондааст- риояти ҳадду меъёри пухт.

Онҳое, ки ин ду нозукиро эҳсос намекунанд, ҳеҷ гоҳ палави балаззат наметавонанд пазанд ва ҳамеша маҳсули дасташон ланҷ аст.

Аммо як ошпази хуб ба саволи мо ки "Оши палав боз дар чӣ ҳолат ланҷ меояд?" хеле бамантиқ посух дод, ки "Агар ошпаз худаш ланҷ бошад."

**С.ЮСУФОВ**

## «Кафгири тилло» ба беҳтарин ошпаз

**Ҷашнвора - озмуни "Оши палав" 22 август бо баргузории маросими бошукуҳе дар Боғи дӯстии халқҳои пойтахт ба поён расид.**

**Дар он ошпазҳо аз саросари ҷумҳурӣ иштирок ва ҳунари ошпазии худро ба намоиш гузоштанд. Дар доираи ин чорабинӣ асбобҳои ошпазии ҳунармандон аз қабили кафгир, тахтача, дег, табақ, дастархон, корд ва ғайра намоиш дода, ҳамчунин ба фурӯш гузошта шуд.**

**Дар бахшҳои гуногуни озмун: "Ошпази беҳтарин", "Оши палави беҳтарин", "Дастони моҳир", "Ороиши дастархон" ва "Табақи дилкаш" низ ғолибон муайян шуда, бо диплом ва тӯҳфаҳо қадрдонӣ гардиданд.**



**Дар даври ниҳоии фестивал-озмуни ҷумҳуриявии "Оши палав" олитарин ҷоиза - "Кафгири тилло"-ро КАРИМ ҲАЛИМОВ, сарошпази ошхонаи Бозори "Фаровон"-и Қӯрғонтеппа гирифт. Ҳайати ҳакамон унвони "Ошпази беҳтарин"-ро ба ДОДОБОЕВ БАҲОДУР (аз шаҳри Хуҷанд) лоиқ донистанд. Дар бахши "Дастони моҳир" - АЛИШЕР ФАЙЗИЕВ ва дар бахши "Ороиши дастархон" Отабек Бобоқулов аз ноҳияи Шоҳмансур ғолиб эълон шуданд.**

**Ин ҷашнвора-озмун дар ду давра баргузор шуда ва дар даври ҷумҳуриявии он ғолибони озмунҳои шаҳрию вилоятӣ дар маҷмӯъ аз 32 минтақа ширкат варзиданд. Мақомоти вазорати фарҳанги Тоҷикистон мақсад аз баргузории ин озмунро тарғиб ва мардумӣ кардани суннатҳои беҳтарини миллӣ ва ин чорабиниро воситаи хуби таҳкими ваҳдат ва рушди ҳуввияти миллӣ медонанд.**

**Ба гуфтаи онҳо, таблиғи фарҳанги ошпазӣ ва такмили маҳорати касбии ошпазҳо низ аз дигар ҳадафҳои ин иқдом будааст.**

## БА РАИСИ СУДИ ОЛӢ, ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМ, РАИСИ КУМИТАИ ЗАН ВА ОИЛАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Оби дари хона қадр надорад



## ЧАРО БА ТАҚДИРИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ КАМ ТАВАҶҶУҲ МЕКУНАНД?

***Ассалому алайкум, кормандони нашрияи "Минбари халқ"! Ман як зани омӯзгор аз шумо хоҳиш мекунам, ки аризаи шикоятии маро хонда, барои ҳалли мушкиле, ки ба сари ману фарзандонам омадааст, ёрӣ расонед.***

***Ман, Турсунова Раъно Латифовна соли 1977 дар шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадаам. Бо амри тақдир, соли 2000 аз шаҳри Душанбе ба ноҳияи Файзобод арӯс шуда рафтам. Соли 2011 дар деҳаи Тиёни ноҳияи Файзобод, ки ману фарзандонам онҷо зиндагӣ мекунем, мактаб кушоданд. Ин мактаб ҳамагӣ 6-7 талаба дорад.***

***Соли аввал дар ин мактаб омӯзгори забони русӣ будам ва ҳамзамон ба ҳайси фаррош кор мекардам. Мудири ин мактаб Зубайдов Қудратулло буд. Аммо ӯ дер дар ин вазифа кор накард. Соли хониши нав Зубайдовро бо тухмат аз кор гирифтанд. Бо супориши мудири маорифи ноҳия маро дар ҳамин мактаб омӯзгор таъин намуданд. Соли 2011 аз моҳи октябр омӯзгор ва мудири ҳамин мактаб таъин шудам.***

***Аз рӯзе, ки омӯзгор шудам, раиси деҳаи Тиён Қаххоров Абдураҳмон бо ман чап шуд. Аввал ба нозири минтақавӣ муроҷиат намуд, ки ман аз талабаҳо пул талаб мекунам (пули журнал, пули китоб, пули таъмири мактаб). Ба ин далел, ки барои ин корҳо ман аз шуъбаи маориф борхат, яъне санад доштам, даъвояш ба ҷое нарасид.***

***Қаххоров А. пас аз ин ором нашуда бо баҳонаҳои дигар ба прокуратураи ноҳияи Файзобод муроҷиат намуд, аммо аризааш, ки асос надошт, баррасӣ нашуд. Қаххоров А. мақсад дошт, ки маро аз омӯзгорӣ озод карда, ба ҷоям писараш Қаххоров Худойдодро, ки Донишкадаи тарбияи ҷисмониро хатм карда буд, омӯзгор таъин кунад. Ба ин сабаб Қаххоров А. ҳар вақт овозаҳо паҳн карда, маро бо чанд мард бадном мекард. Як шаб Шарифов Мирзоҳаёт ном шахсро, ки маст буд, ба хонаи ман даровард. Ман барои муҳофизати номуси худ ӯро дашном кардам. Қаххоров А. сентябри соли 2014 ба ҳукумати ноҳияи Файзобод боз ариза навишт. Аз ҳукумати ноҳияи Файзобод муовини раис Сайбӣ Раҷабова ва мудири ҳамонвақтаи маориф Восеев Ш., раиси ҷамоат Зубайдов Зайдулло мактабро санҷиданӣ омаданд ва ягон камбудии маро наёфтанд.***

***Аммо онҳо "ин мард рӯзат намедиҳад", - гуфта маро ба дигар мактаб гузаронданд. Ба ҷои ман писари Қаххоров А.- Худойдод муаллим ва раҳбари мактаби деҳа таъин шуд. Алҳол ман дар мактаби №6 кор мекунам, лекин ин Қаххоров ҳоло ҳам намегузорад, ки рӯзи хуш бинам.***

***Ду бор маро ба суд дод, бори якум қатъ намуданд, бори дуюм барои такрор шудани ҳамон як ҳолат суд ҷарима (280 сомонӣ) таъин намуд.***

***Ин бор ҳам Қаххоров дар аризааш гуфтааст, ки ин зан ману писарамро дашном медиҳад.***

***Оре, ман ҳамчун як зани мусулмон вақте маҷбур шудам, илоҷи дигаре барои муҳофизати номуси худ наёфта, дашном кардам. Аммо барои чӣ котиби ҷамоат, ки ӯ ҳам як зан ва модар аст, дашном карду раиси ҷамоат шуд? Мардҳои вазифадор ба мисли мо, корафтодаҳои бечораро дашном мекунанд, вале боз мебинем, ки мартабаашон баланд мешавад.***

***Мани зан ва модар барои ҳимояти номусу обрӯи худ аз ноилоҷӣ ва дар ҳоли ғазаб дашном кардаму дар бало мондам ва акнун суд ҳукм кард, ки ҷарима супорам. Барои чӣ аз ин вазъияти ногувори ман баъзеҳо мехоҳанд барои ба мақсади худ расидан истифода баранд ва инро касе намебинад? Ман барои ёфтани ҳақиқат ба бисёр идораҳо муроҷиат кардам, вале бефоида. Ҳоло бо муроҷиат ба идораи ҳафтанома бори дигар ба кӯмаки мақомот ва ёрии шахсони огоҳу хайрхоҳ умед мебандам.***

***Чунки бо ҳимоят аз номусу эътибори худ фикри фарзандонамро мекунам. Медонам, ки ин бор муқобилият нишон надиҳам, дар оянда бо тухматҳои сахттар ба ман зарар мерасонанд.***

**Раъно ТУРСУНОВА,**
*муаллимаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 6, ноҳияи Файзобод*

## АЗ РЕДАКСИЯ:

**НОМАИ** ин муаллима шояд кирои чоп намекард ва аслан чунин мушкилиҳо дар сатҳи маҳали зист бояд ҳал шаванд.

Аммо чанд далели ҷолиб ва қобили мулоҳиза моро нисбати ин ҳолат бетараф нагузошт.

Аввал, санадҳое, ки муаллима бо худ оварда буду дар омади гап барои асоснок будани шикояташ ба мо нишон дод.

Яке аз ин санадҳо вараҷи оддие бо навиштаҷоти "Тавсиянома" буда, ки аз сӯи ҷонишини раиси маҳала ба навиштаи худаш Буриев Маҳмадисоҳ (дар поёни нома ҳамин тавр омадааст) навишта шуда ва ба унвони далел аз сӯи суд ба эътибор гирифта шудааст.

Дар ин тавсиянома( ки шояд тавсифнома бошад) бо зикри замони зисти Турсунова дар ин деҳа, таъкид шудааст, ки ӯ маълумоти миёнаи махсус дорад. Дар идома омадааст, ки "Вай аз одаму одамгарӣ дур мебошад"( аммо ба чӣ далел ин гап гуфта шудааст, оварда намешавад). Ҷумлаи баъдӣ (айнан): "Муаллима як зани бесавод бемаъни беодоб мебошад. Тамоми маҳала аз дасти ҳамин занак ба дод омадаги мебошад. Турсунова ҳамаи маҳаларо дашномҳои қабеҳ медиҳад. Муаллимаро порсол аз сабаби , беинтизоми ва талаба ва толибагонро ҳақорат ва дашном додан, пул гирифтан, ва доимо дарс надодан аз кор гирифтандаш.

…ҳамчун ҷонишини раиси маҳала рафта мактабро дидем, тури валиболи мактабро бо корд бурида партофта нодаркор кардааст. Седкаи мактабро бо писаронаш қат карда партофтааст ва шишаҳои тирезаро шикастааст.

Тамоми ҳамсояҳоро беҳуда дашномҳои қабеҳ дода хулоса ҳамаро безор кардааст"…

Ана ҳамин аст, санаде, ки бар асоси он муаллимаро ҷарима кардаанд.

Санаде, ки нависандааш худ саводи талабаи синфи "3"-ро дорад ё надорад ва ҳатто намедонад, ки номаш дуруст чӣ гуна навишта мешавад.

Мо ҳам ба ин шояд бовар мекардем, агар навиштаи худи муаллимаро намедидем. Замоне Турсунова ба мо арзи дил кард, хоҳиш кардем, ки гуфтаҳояшро хаттӣ навишта орад. Муаллима бо дар назардошти дурии роҳ гуфт, ки агар иҷозат диҳем, дар чанд дақиқа дар ҳузури худи кормандони идора мақсадашро рӯи коғаз меорад.



Мо ба ӯ коғаз додем ва рӯ ба рӯ ба пушти мизи ҳамкорамон, ки ба рухсатӣ рафтааст, нишаста номаашро дар чанд дақиқа навишт. Бо ҳусни хати зебо, босаводона навишт.

Кас ҳатто гумон намекунад, ки намояндаи як миллати дигар, ки забони модариаш тоҷикӣ нест ва бар илова мактабро ҳам русӣ хондааст, бо тоҷикӣ ин қадар босаводона ва муҳимаш зебо менависад. Ва вақте гуфт, ки Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанберо хатм кардааст (ҳоло коллеҷи омӯзгории ба номи С. Айнӣ) бовар кардем.

Дар пайи ба даст гирифтани ин навиштаи Турсунова ба тавсифномаи маъмурияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 ҳам сад дар сад розӣ шудем. Дар ин тавсифнома, ки бо имзои директори муассиса Султонов Ш. ва ҷонишини ӯ Абдуллоев Б. ба муаллима додаанд, аз ҷумла таъкид мешавад, ки Турсунова соли якум аст дар синфи 3 дарс медиҳад. Нисбат ба шогирдонаш серталаб буда ва бачаҳо дониши кофӣ доранд, дар синф ҳама хонда ва навишта метавонанд.

Дониши математикии хонандагон низ хуб аст…Турсунова дар ин муддат дар байни омӯзгорон мавқеи худро ёфтааст. Муносибаташ бо муаллимони муассисаи №6 хуб мебошад. Дар ҷамъомадҳои назди директор, шӯрои методӣ, шӯрои педагогӣ фаъолона иштирок менамояд.

Дафтарҳои даврӣ, санҷишӣ, корҳои хаттӣ ва дигар фанҳои дарсиашро мунтазам месанҷад, бо онҳо машғулиятҳои иловагӣ мегузаронад.

Турсунова модари ғамхор буда, ба тарбияи фарзандонаш диққати ҷиддӣ медиҳад. Ӯ дониши хуб дошта аз уҳдаи таълиму тарбияи хонандагон мебарояд."

Ин тавсифнома ҳам бо ҳусни хати зебо, босаводона ва муҳимтар аз ин, воқеӣ навишта шуда ва дар поёнаш ҳамон гуна ки ҳар санади расмиро лозим аст, болои имзои раҳбарони маъмурияти мактаб муҳр гузошта шудааст.

Ҳоло ба виҷдони мақомоти масъули ноҳия ва ба хусус масъулони идораи суди ноҳияи Файзобод ҳавола мекунем, ки барои онҳо зимни баррасии қазия ин тавсифнома оё арзише дошт ё ҳамон чанд ҷумлаи беасос ва тухматомези бесаводона навиштаи ҷонишини раиси деҳаи Тиён (таваҷҷуҳ кунед, ки раиси ин маҳалла падари даъвогар аст) эътибор дошт?

Вақти баррасии масъала он навиштаҳои ғаразнок аслан бояд қабул намешуд. Чунки раҳбарияти мактаб, масъул ва муайянкунандаи сатҳи саводи кормандаш санади мусбат ва дар айни ҳол воқеӣ ва одилона пешниҳод кардааст, аммо як нафаре, ки худ савод надорад, муаллимаро бесавод ва беодоб мехонад.

Инҷо кӣ ва чӣ манфиатеро пайгирӣ мекунад, албатта мавзӯи як таҳқиқоти рӯзноманигорӣ буда, хориҷ аз мавзӯи баҳси имрӯза аст.

Аз сӯи дигар, аз бетарафии мақомоти маҳал, аз ҷумла масъули бахши занони ноҳия ҳам ҳайронем. Мо бар инем, ки замоне Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди баланд бурдани ҷойгоҳ ва мақоми зан дар ҷомеа сухан мегӯянд, ин як тақозо ва дастури абстракт ва ҳавоӣ нест, балки ҳолатҳои воқеӣ ва марбут ба зиндагии рӯзмарраи ин гуна занони оддӣ аст, ки дар сурати ҳифз шудану баҳои сазовор гирифтан намунаи хуби ҳимояти мақоми занон дар ҷомеа хоҳад буд. Онҳое, ки ин занро ба дашном додан муттаҳам кардаанд, худ тасаввур мекунанд, ки як марди маст ба назди зан, модар ва ё хоҳари онҳо, дар ҳолате, ки марди хона нест, беиҷозат ворид мешуд, худашонро чӣ ҳолате фаро мегирифт? Аҳли он оила бояд чӣ кор мекард, то ӯро аз дар биронад? Турсунова фақат як зан ва як модари оддӣ нест, балки мутахассиси хуб аст (ҳамон гуна ки директории муассиса одилона баҳогузорӣ кардааст, ки мо аҳсант мегӯем).

Инҷо аз чизи дигаре низ бояд ёдовар шавем, ки бо дастуру супоришҳои президенти ҶТ, ҳукумати кишвар дар талоши аз Русия барои кор даъват кардани муаллимони забони русӣ аст. Аммо ҳайратовар аст, ки як кадри таҳсилкардаи маҳаллӣ ва омодаи кор бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бо амри тақдир худ ба ноҳияи Файзобод омадааст, вале чунин ба назар мерасад, ки баъзеҳо ӯро чашми дидан надоранд.

Ҷояшро пас аз бо тухмат аз ин муассиса дур кардани муаллими собиқ Зубайдов Қ. гирифта ба нафаре додед, ки дипломи Донишкадаи тарбияи ҷисмониро дорад (дар тасаввури мо намеғунҷад, ки ӯ ба кӯдакони нав ба синфи якум омада чӣ гуна савод меомӯхта бошад. Инҷо мо иддао ҳам намекунем, ки тарҳи бадном кардани Турсунова ҳамоно пас аз барканор кардани Зубайдов оғоз шуда буд. На! Аммо дар воқеъ бо андаке пайгирӣ ба мо маълум шуд, ки нафаре, ки ба ҷои Турсунова муаллим таъин шуда ва акнун синфхона - мактаби ин деҳаро роҳбарӣ мекунад, замони таҳсил дар мактаби миёна ҳатто як баҳои "4" надошта ва муаллимон ба таври "худоӣ" ҳамеша ба вай дар чоряк баҳои "3" мегузоштаанд). Хуб, бигзор бошад, вале имрӯз тухмату бадномкунӣ бас будагист, то як омӯзгор, ки ба хонаҳои деҳотиён бо донишу таҷрибаи худ нур меорад, акнун дур аз маҳали зисташ ҳам бошад, роҳат ва ором кор карда тавонад. Албатта , ӯ дар бисот ба ҷуз муаллимӣ чизи дигаре надорад, ки бидиҳад, молдору чорводор ҳам нест, ки ба дигарон барои тарафашро гирифтан пешниҳод кунад, вале ӯ як зан ва модаре ҳаст, ки дар баробари тарбия ва таълим додани фарзандони дигарон се писари худро ҳам ба воя мерасонад (калонӣ 17сола, дуюмӣ 15 ва писари сеюмаш 13 сола ҳастанд).

Коре нашавад, ки бо бузург шудани ин навҷавонон масъала ва ҷанҷолҳо ба онҳо гузарад, ба гунае ки эҳсос мешавад, раиси маҳалла акнун "донишу маҳорат"-и худро дар ин маврид ба фарзандаш вогузор кардааст. Мутобиқ ба Сарқонуни ҶТ дар кишвар ҳама сарфи назар аз миллияти худ ва дар куҷо таваллуд шуданашон ҳуқуқи баробар доранд. Аммо дар баробари ин бандҳои хуби қонун, боз қонунҳои нонавиштаи инсонӣ аст, ки ҷойгоҳи ҳар фардро дар ҷомеа бар асоси ҳунару донишаш мушаххас мекунад. Бо тухмату дуруштӣ нисбат ба дигарон намешавад барои ҳамеша дар зиндагӣ обрӯ касб кард.

# АЗ ҲАЁТИ БУЗУРГОН

**Хаим Вейтсман, аввалин президенти Исроил:**

Тамоми мардумони дунёро ба ду қисм метавон тақсим намуд: онҳое, ки яҳудиёнро пеш мекунанд ва онҳое, ки яҳудиёнро дар кишварашон дидан намехоҳанд.

«Оре, мумкин мо (яҳудиён) фарзанди савдогарон бошем, вале айни замон мо набераҳои пайғамбаронем.»

*Вале худи яҳудиҳо то кадом андоза бародарони сомии худ арабҳоро дӯст медоранд ва ба онҳо дар ватанашон имкони зист медиҳанд, низ саволи таърихист.*

**Искандари Мақдунӣ (356-323 то милод), лашкаркаш:**

Дар коинот ҷаҳонҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, аммо ҳоло ман ҳатто яктоашро забт накардаам!

Набояд дар осмон ду офтоб ва дар замин ду ҳоким бошад.

Ҳангоме, ки Искандарро таъна карданд, ки имкон додааст атрофиёнаш ӯро ба дараҷаи Худоӣ бардоранд, ӯ ҷавоб дод:

Ҷангҳо аз шуҳрат вобастаанд ва бисёр вақт дурӯғе, ки ба он бовар кардаанд, ҳамчун ҳақ қабул хоҳад шуд.

Боре Искандар номаи дурмадарози лашкаркашаш Антипатрро хонд, ки дар он шикоят нисбати модари ӯ- Олимпиада дарҷ шуда буд. Искандар чунин гуфт: "Антипатр намедонад, ки як қатраи ашки модар ҳазорҳо чунин номаро ба фаромӯшӣ хоҳад супурд".

***Суханҳои пеш аз марг:***

Мебинам, ки сари қабри ман муборизаи бузург оғоз хоҳад ёфт.

***

Ман бо ёрии табибони зиёд мемирам.

**Веспасиан (9-79 милодӣ), императори Рим:**

Тит-писари Веспасиан падарашро таъна кард, ки ҳоҷатхонаҳоро низ ӯ мавриди андозбандӣ қарор додааст. Веспасиан аз нахустин фоидаи аз ҳоҷатхонаи пулакӣ (аввалин ҳодиса дар таърихи инсоният) ба даст омада тангаеро гирифт ва пеши бинии писараш оварда пурсид, ки "оё ин танга бӯи баде мекунад ва аз дигар тангаҳо фарқияте дорад"? Тит ҷавоб дод, ки "на". -"Ин танга аз пули шоша аст"-гуфт Веспасиан. Аз ҳамон вақт ибораи "пулҳо бӯй намекунанд, (деньги не пахнут)" машҳур гашт.

Яке аз хидматгорон барои шахсе, ки ӯро бародари худ муаррифӣ мекард, мансабе хост. Веспасиан ӯро амр дод, ки сабр кунад ва худ он шахсро наздаш хонд ва маблағи барои вазифа ваъдашударо гирифта, дарҳол хоҳишашро иҷро намуд. Ба эътирози хидматгори миёнараваш ӯ чунин гуфт: -"Акнун ин бародари ман аст, ту бародари дигаре ба худ бикоб".

Императорони Римро баъд аз фавташон ба дараҷаи Худоӣ мебароварданд. Веспасиан, наздик шудани маргашро пайхас намуда, чунин гуфта буд: "Сад афсӯс, ки ман ҳам Худо мешавам".



**Вудро Вилсон (1856-1924), президенти ИМА:**

Набояд шахсеро кушт, ки қасди худкушӣ дорад.

Агар хоҳӣ, ки сафи душманонат бияфзояд, ягон чизро тағйир бидеҳ.

Агар деҳқони оддӣ метавонад шоҳ шавад, фикр накунед, ки дар шоҳигарӣ аллакай демократия ғалаба кардааст.

**Маҳатма Ганди (1869-1948), сиёсатмадори ҳиндӣ:**

Ҷаҳон барои талаботи ҳар як инсонро қонеъ намудан бузург аст, вале барои қонеъ намудани нафси инсонӣ кӯчак аст.

Озодӣ ҳеҷ чиз аст, агар дар худ озодии иштибоҳ карданро надошта бошад.

Ҳам дар адлия ва ҳам дар ҷанг ахиран ҳамёни бузургтар ғалаба мекунад.

Шахси нотавону заиф ҳеҷ гоҳ намебахшад. Бахшидан хусусияти ашхоси қавиирода аст.

Маро авлиё меноманд, ки сиёсат нобудаш сохта. Вале дар ҳақиқати ҳол ман сиёсатмадоре ҳастам, ки тамоми қудратро ба он сарф мекунад, ки авлиёяш шуморанд.

Худо дин надорад.

Барои шахси гурусна хӯрок ин Худост.

**Ганнибал (247-183 то милод), лашкаркаши машҳури карфагенӣ:**

Стсипион, сарлашкари машҳури римӣ, мағлубкунандаи Ганнибал аз ӯ пурсид, ки киро ӯ лашкаркаш ва доҳии бузург медонад. Ганнибал ҷавоб дод: "Александри Македонӣ". -"Дуввум баъди Александр кист?"- пурсид Стсипион. "Пирр, шоҳи Эпир". Стсипион пурсид, ки ӯ мақоми саввумро ба кӣ медиҳад. "Ба худам", - ҷавоб дод Ганнибал. Стсипион хандида ба ӯ гуфт: "Ба кадом мақом, Ганнибал, ту худро лоиқ медонистӣ, агар аз ҷониби ман мағлуб намегардидӣ?". "Дар ин сурат ман худро аз Александр боло мегузоштам"-посух дод Ганнибал.

**Ҷорҷ Буши хурдӣ, президенти ИМА (с-ҳои 2000-2008):**

Мо сиёсати хориҷиро бо дастони хориҷӣ пеш хоҳем бурд.

Ман тамоми душманони падарам ва танҳо нисфи дӯстонашро ба мерос гирифтаам.

*Давом дорад*

*Таҳияи*
**Азамат ДӮСТОВ**

---

Рӯзи ҳафта
Главврач
Мувофиқ, мутобиқ
Лоиҳа, тарҳ
Хиёнаткорӣ
Ораз, чеҳра
Дӯстӣ, ошноӣ
Пойтахти Аҷаристони Гурҷистон
Ғариб, дарбадар
Ранги лола
Хати никоҳ
Падар (лаҳҷ.)
Онро дар танӯр мепазанд
Антоними «вайрон», «хароб»
Додар (лаҳҷа)
Нидои ҷанговарони рус ҳангоми ҳуҷум
Касофатовар, бадтолеъ
Матни экранро хонда сароидан
Якдигар
Мурод, мақсад, армон
Сиҳатшавӣ
Танҳо, ягона
Нури офтоб
Ҳамсоли Ангола
Пасмонда, боқимонда
Аср
Қисми занонаи қасри шоҳ
Маҳрум
Инструкция, нишондод
Хона
Сарпӯши мухлисони реп
«То омадани табар ... меосояд»
Як навъ нӯшокии русӣ
Нок... - ҳолат дар бокс
Назар, нигоҳ
... и одат - амри маҳол
Кӯчаи машҳури ш. Москва
Шоҳи футбол аз Бразилия
Дарё дар Украина
Хазина, кон
Бунёд, поя
Бародар
Хоҳари ҷасури Зита аз кинои ҳиндӣ
Мотам
Халқи адиб Расул Ғамзатов
Дарахтзор
Оригинал
Сиғаи амрии феъли дидан
Ҷаноби полшагӣ
Давлат дар Скандинавия



ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | О | | | С | | | И | | П | | Ф | | | К |
| | | | | | | С | И | Т | А | М | К | А | Ш | И | Д | А | | | А |
| | | | | | | О | | | В | | А | | А | | | Р | А | Б | Т |
| | | | | | | Н | И | С | О | | Ф | А | Р | Ҳ | О | Д | | | Е |
| Ҳ | А | Қ | Қ | О | Н | И | | | Б | О | Л | | Ф | | Л | | М | У | Р |
| | | А | | | И | | | | Ҷ | | Е | | | Ш | Е | Ф | | П | |
| | | З | У | Л | М | | У | Л | У | Ғ | З | О | Д | А | | Р | | С | |
| И | | О | | | К | У | К | | | У | | В | | Р | У | И | Д | А | Н |
| Н | О | Қ | А | | У | | О | Т | Е | Л | Л | О | | О | | | | | А |
| Ъ | | | К | | Ш | | | | | | | З | Е | Б | | | | | В |
| И | С | Ф | А | Ҳ | О | Н | | | | | | Х | | Х | | | | | О |
| К | | И | | А | | Е | | | | | | О | Л | У | | | | | З |
| О | | Т | | Ё | | О | | | | | | Н | | Р | | | | | И |
| С | А | Р | А | Т | О | Н | Ш | И | Н | О | С | И | | И | З | О | К | А | Ш |

# Далелҳои аҷиб оид ба Чин

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

u Новобаста аз оне, ки ихтироъкори парашют расман Леонардо да Винчи (1452-1519) эътироф шудааст, далелҳои таърихие мавҷуданд, ки дар Чин ҳанӯз қарни 4-ми милодӣ бо истифодаи "морҳои паррон" одамон ба фазо парвоз мекарданд. Истифодаи бехатари парашют танҳо охири қарни 17 имконпазир шудааст.

u Таърихнигорон ба он назаранд, ки бо зиёд шудани аҳолии Чин сокинони кишвар сари фикри омода сохтани ғизои бехатаре уфтоданд, ки дар он қисми ғолиби моддаҳои манфиатовар ҳифз карда шудаанд. Ҳамин тавр "анъанаи" ҳунари таббохии чинӣ рӯйи кор омад, ки тибқи он ғизо ба қисмҳои хурд ҷудо карда мешавад, то ин ки зудтар омода бигардад. Чунин қисмҳои хурд-хурди ғизо ҳангоми тановул истифодаи кордҳоро бекор намуда, ба ихтирои чӯбчаҳои хӯрокхӯрии чинӣ сабабгор шуд. Ана акнун фаҳмидед, барои чӣ хитоиҳо бо чӯбча хӯрок мехӯранд?

u Соли 130 милодӣ ситорашинос ва адиби чинӣ Чжан Хэн аввалин асбоби зилзиласанҷиро ихтироъ намуд. Асбоб мавзеи пайдошавии ин офати табииро муайян менамуд.

u Чин ватани яхмос аст. Ба Аврупо дастури омода намудани он бо тарзи тайёр намудани лапша (хӯриши хамирӣ) тавассути сайёҳи машҳури венетсиягӣ Марко Поло ворид гардидааст. Аввалин яхмосҳо аз омехтаи шир ва барф омода карда мешуданд.

u Хидматчии давлатии хитоӣ бо исми Су Сонг аввалин ихтирокори соати механикӣ дар дунёст. Муддати аз соли 1088 то 1092 сол ӯ дастгоҳе ихтироъ кард, ки вақтро дақиқ муайян сохта, ҳамчунин аниқ давраҳои кайҳониро ҳисоб менамуд, ки сохтани толеъномаҳоро ба сифати аъло баровард.

u Хитоиҳо аввалин маротиба омочи оҳаниро ихтироъ намудаанд. Дар Аврупо истифодаи омочи оҳанин танҳо аз қарни 17 оғоз гардид.

u Пойтахти Чин дар замонҳои мухталиф номҳои дигар дошт. Пеш шаҳри асосии кишвар ба оламиён ҳамчун Янтсзин, Дайду ва Бэйпин маъруф буд. Имрӯз он Пекин ном дорад, ки маънояш "Пойтахти Шимолӣ" аст. Пекин дуввумин шаҳри бузургтарини Чин баъд аз Шанхай мебошад.

u Нохунҳои дароз дар Чин нишонаи ашрофият ва мақоми баланд доштанро ифода менамуданд. Мардон ва занони воломақом нохунҳояшонро бо тиллову нуқра ороиш медоданд.

u Дар қарни чоруми пеш аз милод барои гарм намудани манзилҳои хеш хитоиҳо аз гази табиӣ истифода бурданро оғоз намуданд. Газро бо воситаи буридани чоҳҳо ба даст меоварданд ва дар ин ҷода сокинони Чин аз аврупоиҳо 2300 сол қабл корҳоро оғоз намуданд.

u Қарни 2 милодӣ хитоиҳо дарёфтанд, ки хун ба воситаи рагҳо ба тамоми бадан ҷорӣ шуда, ҳаракати он аз ҳисоби таппиши дил сурат мегирад. Дар Аврупо чунин донишҳои биологӣ танҳо оғози қарни 17 маълум гардид.

u Сокинони Чин системаи ҳисоби даҳавиро ҳанӯз дар қарни 14-и пеш аз милод, яъне 2300 сол пеш аз аврупоиён истифода мебурданд. Хитоиҳо аввалин миллатанд, ки ҳангоми ҳисоб рақами сифрро истифода намудаанд.

u Дар Чин аввалин маротиба арбалет (силоҳи тирпаррон)-ро ихтироъ ва мавриди истифода қарор додаанд. Ҳамчунин ин ҷо аввалин маротиба силоҳҳои кимиёвию газӣ ихтироъ ва истифода шудааст. Силоҳи газӣ 2000 сол қабл аз Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ дар Чин истифода шудааст.

u Сарбанд (плотина)- и бузургтарини олам дар Чин аст.

u Тибқи ривояти қадимии чинӣ, чой соли 2737 пеш аз милод аз ҷониби император Шэн-Нун кашф гардидааст. Ин ҳодиса тасодуфан сурат гирифтааст. Ҳангоме, ки баргҳои хушбӯй ба пиёлаи шоҳӣ бо оби ҷӯш аз хунукназарии хидматгор афтиданд ва маззаи он ба император писанд омад.

u Чиноиҳо ихтироъкорони бисёр намудҳои муҳорибаҳои тан ба тан ҳастанд. Бисёр усулҳои ин муҳорибаҳо дар хоҷагиҳои қадимии деҳқонӣ ва ҳангоми шикор кардан рӯйи кор омадаанд.

u Иди муҳимтарин дар Чин Соли Нави хитоӣ, ё ба истилоҳи дигар, Соли Нави Қамарист. Хитоиҳо ақида доранд, ки дар ин рӯз ҳар як сокини сайёра боз як сол калон мешавад, аз ин сабаб ин рӯз зодрӯзи ҳар як сокини олам аст.

u 92% аҳолии Чин дар ҳаёти рӯзмарра забони хитоиро истифода мебаранд. 7 оилаи забони хитоӣ мавҷуд аст: чинӣ, кантонӣ, Ву, хакка, Гане, Сян, Мин.

u Ранги бахт ва идона дар Чин ранги сурх аст. Дар мамлакат ин ранг дар матоъҳо, ороиши хона, ҷашни арӯсӣ, мавлуд ва идҳои миллӣ васеъ истифода мешавад.

u Нилуфар дар Чин рамзи тозагиву бокирагист. Ин гул аз ҷониби даосҳо ва буддистҳо муқаддас маҳсуб мегардад. Умуман, дар ин кишвар рамзи гулҳо васеъ истифода мешавад.

u Хитоиҳо истеҳсоли шоҳиро аз соли 3000 то милод оғоз намудаанд. Римиҳои қадим Чинро "кишвари роҳ" ("Serica") меномиданд. Сири шоҳии аслии хитоӣ ҳанӯз ҳам аз ҷониби истеҳсолкунандагонаш махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Касеро агар сари қочоқи пилла ё кирмак медоштанд, ба қатл ҳукм мекарданд.

u Тибқи ривоёти чинӣ, ихтироъкори шоҳӣ Си Лин Суи- ҳамсари император Ши Хуан-Ди маҳсуб мегардад. Фикри бунёди шоҳибофӣ ҳангоми чойхӯрӣ тавлид шуд, вақте кирмаки пилла ба ҷоми шаҳбону афтид ва дар моеъи дохилбудаи он риштаҳои борик пайдо шуданд.



*Давом дорад*

*Таҳияи*
**Азамат ДӮСТОВ**

**u Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
**u Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
**u Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
**u Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
**u Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

## ба ҳафтаномаи

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

## обуна шавед!

**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи накдӣ ва ғайринакдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...

**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**



**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21

## МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ШИРКАТ МЕВАРЗАНД

**Варзишгарони тоҷик дар мусобиқаи қаҳрамонии бокси Осиё байни мардон, ки аз 26 август то 6 сентябр дар пойтахти Тайланд-Бангкок баргузор мегардад, ширкат меварзанд.**

**Мирзо Шамсиев, сармураббии дастаи мунтахаби бокси Тоҷикистон, мегӯяд: "Ба ҳайати мунтахаби кишвар беҳтарин муштзанҳои тоҷик, ба мисли Анвар Юнусов (60 кг), Ҷаҳон Қурбонов (91 кг), Шавкат Раҳимов (64 кг), Муродҷон Расулов (49 кг), Воҳид Асроров (56 кг) ва дигарон дохиланд".**



**Ба гуфтаи М. Шамсиев, варзишгароне, ки дар ин мусобиқа ҷойҳои аз 1-ум то 7-умро ишғол мекунанд, ба ҳаққи ширкат дар мусобиқаи қаҳрамонии бокси ҷаҳонро дарёфт мекунанд. Ин сабқати ҷаҳонӣ аз 5-ум то 18-уми октябри соли равон дар Қатар барпо мегардад.**

**Мавсуф, инчунин иттилоъ дод, ки варзишгарони тоҷик дар риштаи бокс барои ба даст овардани роҳхатҳо ба Бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2016 дар Рио-де-Жанейрои Бразилия мубориза мебаранд. Барои занон мусобиқаи интихобӣ моҳи феврали соли 2016 баргузор мешавад. Мардон бошанд, соли оянда дар ду мусобиқаи интихобӣ - моҳи март дар Чин ва моҳи июн дар Боку қувваозмоӣ карданд.**

**И. ТОҲИР**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шартномаи хариду фуруши квартираи воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев 7, квартираи 28, ки ба номи Шарипова Саодат Умаровна дар Идораи 2-юми нотариалии шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти "9"Д" -и 123 аз 29 05 1993 ба расмият даровvarда шудааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

**Кормандони маркази хидматрасонии "Фанонбонк" дар ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ ба раиси раёсати ҶСП "Фононбонк" Қурбонов Самихон Ҳусайнович нисбати даргузашти**
**МОДАРАШ**
**изҳори ҳамдардии амиқ намуда, аз даргоҳи Худованд ба ӯ ва дигар пайвандонаш сабри ҷамил мехоҳанд.**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:**
Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Мавҷуда Соҳибназарова, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 48952 нусха**
**Навбатдор: А.ДӮСТОВ**

